آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

23 июли соли 2025 Чоршанбе № 59 (15174)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ИҚТИДОРИ САНОАТИИ ҶИЗЗАХ МЕАФЗОЯД – ДАР МИНТАҚАҲОИ ДАШТ КОРХОНАҲОИ ЗАМОНАВӢ БУНЁД МЕГАРДАНД

22 июл Президент Шавкат Мирзиёев ба вилояти Ҷиззах сафар карда, бо корҳое, ки дар бахши саноат ва иҷтимоӣ амалӣ мегарданд, иқтидори нави истеҳсолӣ ва объектҳои дигар шинос шуд.

Роҳбари давлат нахуст аз минтақаи махсуси саноатии “Зомин технопарки” боздид ба амал оварда.

Дар тамоми минтақаҳои мамлакат корхонаҳои барои иқтисодиёт бениҳоят зарур бунёд мегарданд. Ин барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ, рушди шабакаҳои саноатӣ, дар ниҳоят, барои беҳтар шудани накӯҳаҳволии мардуми мо хидмат мекунад. Солҳои охир дар вилояти Ҷиззах низ ҳаҷми саноати коркард дар сатҳи назаррас афзуд.

Сохтмони технопарки Зоминро Саввари давлатамон 27 июни соли гузашта оғоз бахшида буд. Дар парки технологӣ, ки дар 400 гектар майдон бунёд мешавад, якҷоя бо сармоягузорони чинӣ 31 лоиҳа ба маблағи 1 миллиарду 200 миллион доллар амалӣ мегардад.

Дар муддати сипаришуда инфрасохтор ва иншооти зарурӣ бунёд гардиданд. Чанде пеш аз ҷониби ширкати «Xinjiang Honglin Tiandi» аввалин корхона – лоиҳаи тайёр кардани маҳсулоти бетонӣ, бо арзиши 10 миллион доллар ба кор дароварда шуд. 60 нафар бо кор таъмин гардиданд.

Ҳоло корҳо оид ба лоиҳаи дуюм ба маблағи 42 миллион доллар дар марҳилаи ниҳоӣ қарор дорад. Дар доираи он, таҳти тамғаи «Midea», ҳар сол 300 ҳазор адад таҷҳизоти барқии маишӣ истеҳсол карда мешавад. 150 ҷойи кор ташкил мегардад.

Ба роҳбари давлат дар бораи ин ва лоиҳаҳои навбатӣ маълумот дода шуд.

Дар марҳилаи аввал 9 лоиҳа ба минтақаи махсуси саноатӣ ҷойгир карда шудаанд. Ҳоло корҳои сохтмони 7 лоиҳаи дигар ба маблағи тақрибан 300 миллион доллар идома дорад. Дар онҳо масолеҳи сохтмон, конструксияҳо, таҷҳизоти барқӣ ва маҳсулоти кимиёвӣ истеҳсол мегардад, маркази логистикӣ ва омӯзишӣ таъсис дода мешавад.

Дар маҷмӯъ, дар натиҷаи татбиқи лоиҳаҳо дар минтақаи саноатӣ ба маблағи 5 триллион сӯм маҳсулоти саноатӣ истеҳсол мегардад, тавлиди 15 навъи маҳсулоти нав роҳандозӣ шуда, иқтидори содиротӣ ба маблағи 70 миллион доллар фароҳам мегардад. Муҳимтар аз ҳама, беш аз 5 ҳазор нафар шаҳрвандон соҳиби ҷойи кор мешаванд.

Президент аз рӯйи кумак ба сармоягузорон ва суръат бахшидан ба татбиқи лоиҳаҳо дастур дод. Аҳамияти омода кардани мутахассисони соҳаҳои саноатӣ ва таъмини шуғли ҷавононро таъкид кард.

Роҳбари давлат дар парки технологии Зомин бо муаррифии лоиҳаҳои нав, ки татбиқи онҳо дар назар аст, шинос шуд.

Тавре зикр гардид, дар марҳилаи аввал корҳо оид ба 9 лоиҳа оғоз ёфтаанд. Акнун дар доираи марҳилаи дуюм боз 5 лоиҳа ташаккул дода шудааст.

Аз ҷумла, дар ҳамкорӣ бо ширкати «Longze Investment Group» истеҳсоли таҷҳизоти амниятӣ ва тиббӣ, ҳамчунин, бо ширкати «Foxit» роҳандозии тавлиди маҳсулоти муосир чун ноутбук, планшет, сервер ва роутерҳо ба нақша гирифта шудааст.

Инчунин, лоиҳаҳо оид ба пойафзоли чармин ва варзишӣ, масолеҳи сохтмон, зарфҳои чиниву маҳсулоти кимиёвӣ низ дар назар аст.

Арзиши умумии онҳо тақрибан 250 миллион долларро ташкил карда, маҳсулоти арзишманд истеҳсол хоҳанд шуд. Қариб 70 дарсади маҳсулоти тайёр ба бозорҳои хориҷӣ равона карда мешавад.

Дар вилояти Ҷиззах ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ сол то сол меафзояд. Агар дар соли 2018 ба вилоят танҳо 18 миллион доллар сармояи хориҷӣ ҷалб шуда бошад, соли гузашта ин рақам аз 1 миллиард доллар афзудааст. Дар ҳашт соли охир, ба минтақа 3,7 миллиард доллар сармоя ворид гардида, беш аз 4 ҳазор корхонаи саноатӣ ба фаъолият оғоз намуд. Шумораи корхонаҳо бо иштироки сармояи хориҷӣ аз 260 адад зиёд шуд.

Сипас, Президент Шавкат Мирзиёев аз заводи техникаи маишӣ, ки дар ноҳияи Зомини вилояти Ҷиззах бунёд мегардад, дидан кард.

Дар ин самт кишвари мо иқтидори бузург дорад. Саввари давлат вазифа гузоштааст, ки ин суръатро идома дода, таҳти брендҳои миллӣ маҳсулоти нав истеҳсол карда шавад ва Ӯзбекистон ба «хаби техникаи барқӣ»-и минтақа табдил ёбад. Завод дар Зомин қисме аз ин хоҳад шуд.

Ин маҷмаа, ки ҳамчун филиали парки махсуси саноатии «Навоӣ» таъсис меёбад, дар 80 гектар майдон ҷойгир аст. Арзиши умумии лоиҳа 150 миллион доллар. Дар ин ҷо солона 1 миллион адад техникаи маишӣ, чун мошинҳои ҷомашӯӣ, яхдон, телевизор, гармкунакҳои барқии об ва қисмҳои эҳтиётии онҳо истеҳсол карда мешаванд.

Дар натиҷаи истеҳсоли 100 навъи маҳсулот сатҳи маҳаллисозӣ ба 70 фоиз мерасад.

Муҳимтар аз ҳама, ҳаҷми солонаи истеҳсолот ба 320 миллион доллар мерасад. Аз ин маҳсулот ба маблағи 140 миллион доллар ба содирот нигаронида хоҳад шуд. Беш аз 7 ҳазор нафар аҳолӣ бо ҷойи кор таъмин мегарданд.

Маҳсулоте, ки дар парки саноатӣ истеҳсол мешаванд, ба зиёда аз 15 мамлакати хориҷӣ, чун Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон содир мешавад.

Бо мақсади ҳар чӣ зудтар мутобиқ гардидан ба талаботи бозори муосири тағйирёбанда, дар дохили завод сехи қолибсозӣ низ ташкил мегардад. Тавассути марказии муосири логистикӣ маҳсулот ба харидорон мунтазам расонида хоҳад шуд.

Илова бар ин, дар парки саноатӣ истеҳсоли маҳсулоти пластикӣ барои корхонаҳои таркиби ҶС «Автосаноат» низ ба нақша гирифта шудааст.

Дар тамоми минтақаҳои мамлакат ҷиҳати пурра ба кор даровардани имкониятҳо чораҳо андешида мешаванд. 31 декабри соли гузашта қарори Президент дар бораи суръат бахшидан ба рушди иҷтимоиву иқтисодии вилояти Ҷиззах қабул гардида, масъалаҳои зарурӣ ҳал гардида буданд. Бахусус, дар он чорабиниҳои ҷалби 2 миллиард доллар сармоя, ба 285 миллион доллар расонидани ҳаҷми содирот ва соҳиби ҷойи кор намудани 168 ҳазор нафар дар соли 2025 муайян гардида буд.

Ин вазифаҳо пай дар пай иҷро мешаванд. Дар шаш моҳи сипаришуда дар бахшҳои саноат, хидматрасонӣ ва кишоварзии Ҷиззах 200 лоиҳа татбиқ гардид. Ба вилоят 662 миллион доллар сармоя ворид шудааст.

Бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани натиҷадорӣ, дар ноҳияи Зомини вилояти Ҷиззах низ «Ситоди ислоҳот» ташкил шудааст.

Саввари давлат дар ҷараёни сафар бо муаррифии лоиҳаҳои нав, ки татбиқи онҳо дар вилоят пешбинӣ шудааст, шинос шуд.

Бахусус, «Агромарказ» таъсис ёфт, ки дар асоси тамоюли «равзанаи ягона» тамоми хидматрасониҳои кишоварзиро дар як ҷо муттаҳид мекунад. Андешидани равандҳои нав ҷиҳати афзунсозии ҳосилнокӣ ба сифати маҳсулоти озуқа дар вилоят таъсири мусбат расонида, барои даромади бештар ба даст овардани аҳолӣ имкон фароҳам менамояд.

Вилояти Ҷиззах дар рушди картошкапарварӣ чун замина муайян мегардад. Ҳоло дар нуқтаи тағрибаи илмии Зомин 12 навъи нави тухмии картошка, ки ба селексияи дохиливу хориҷӣ тааллуқ доранд, парвариш меёбанд.

Одатан, барои парвариши тухмии картошка 6–7 сол ва 8 марҳила лозим мешавад, аммо тибқи пешниҳоди нав ин раванд то ба 4 марҳила коҳиш ёфта, дар 2 сол омода карда мешавад. Дар ин раванд аз навъҳои нави селексияи картошка 12 тонна тухмии «супер элита» ба хонаводаҳо ройгон дода мешавад. Дар натиҷа 120 тонна тухмии «яккачин»-и картошка истеҳсол мегардад. Дар доираи лоиҳа ноҳияҳои Зомин ва Бахмал ба парвариши картошкаи тухмӣ ихтисосонида шуданд.

Инчунин, кишти зироатҳои лӯбиёгӣ, бунёди стансияҳои обкашӣ ва қубурҳои магистралӣ дар канали ноҳияи Зарбдор низ пешбинӣ шудааст.

Табиати рангоранг, кӯҳистону биёбонҳои Ҷиззах имкони саёҳатро дар тамоми фаслҳои сол фароҳам меоранд. Минтақаи сайёҳӣ-рекреатсионии «Зомин», фурудгоҳи Зомин ва роҳҳои нав ин имкониятҳоро васеътар намудаанд. Дар канори 6 канали бузурги сайргоҳҳо ташкил гардиданд. Акнун дар канори соҳилҳои кӯлҳои «Айдар-Арнасой» низ маркази замонавии сайёҳӣ бунёд мегардад.

– Мо кӯшиш дорем, ки саноатро ба ноҳияҳо ворид ва мардумро соҳиби кор намоем. Дар ҷойҳое, ки қаблан дашт буд, ҳоло корхонаҳои замонавӣ пайдо шудаанд. Мардуми мо аз ҳунар, аз замини наздиҳавлигии худ даромад ба даст меоранд. Аммо ин натиҷаи имрӯза аст. Насли нав ба камол мерасад, донишу талаботи ҷавонон меафзояд. Барои кор, зиндагии шоистаи онҳо бояд аз ҳозир шароит муҳайё намоем. Агар аз имкониятҳо дуруст истифода бурда шавад, ноҳияи Зомин метавонад минтақаи бидуни бекорӣ гардад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Маълум аст, ки дар маркази нави ноҳияи Кӯкдала қасри фарҳанг, мактаби санъат, мактаби таълими умумӣ ва маҷмааи варзишӣ пахлӯ ба пахлӯ бунёд мешаванд. Саввари давлат барои бачагон мусоид будани ин усулро ёдовар намуда, заррурати истифодаи онро дар лоиҳаҳои оянда таъкид карда буд. Акнун дар асоси ҳамин таҷриба, дар ноҳияи Зомин низ бунёди қасри фарҳанг ва мактаби санъат ба нақша гирифта шудааст. Қасри фарҳанг барои 300 ҷой пешбинӣ шуда, ба зиёда аз 45 ҳазор нафар аҳолии маркази ноҳия хидмат мерасонад. Дар ин ҷо дастаи фолклорию этнографии «Зомин сайқали» ва 13 маҳфил фаъолият хоҳанд кард.

Дар назди масъулон аз рӯйи иҷрои ин нақшаҳо, рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ вазифаҳо гузошта шуданд.

Бо ҳамин сафари Президент ба вилояти Ҷиззах анҷом ёфт.

Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,
Абдулазиз РУСТАМОВ,
Абдуҷалол ҚАЮМОВ,
мухбирони ӮзА.

Барои Ватан, барои миллат, барои халқ!

НЕЪМАТИ БУЗУРГЕ, КИ АРЗИШҲОЯМОНРО БАЛАНД МЕБАРДОРАД

Истиқлолият, ки сол то сол васеътар шуда, решаҳояш мустаҳкам мегардад ва дар ҳама ҷабҳаҳои зиндагии мардуми мо таҷассум меёбад, на танҳо истиқлолияти сиёсӣ, балки истиқлолияти маънавии Ватан низ ба шумор меравад. Қарори Президентамон таҳти унвони «Дар бораи тайёрӣ ва баргузор намудани ҷашни сию чаҳорумин солгарди истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон» боз як таҷассуми возеҳи эҳтиромӣ амиқ ба ин неъмат, сабаккҳои таърихии мустаҳкам ва талош барои вусъат ва пешрафтҳои нав мебошад.

Нуктаи муҳиме, ки дар қарор таъкид шудааст, муҳити сулҳу амонӣ, дӯстӣ ва ҳамфикрӣ дар ҷамъияти сермиллат ва серконфессияи мо мебошад. Ин суханон танҳо шиор набуда, балки таҳқурсии асосии ҳаёти ҳаррӯза, оромии ботинӣ ва боварӣ ба фардои ҳар як инсони мамлакат мебошанд.

Имрӯз дар кишвари мо беш аз 130 миллату қавм ва намояндагони 16 мазҳаб дар асоси таҳаммулпазирӣ, эҳтироми мутақобил ва ҳамбастагӣ мисли як оила зиндагӣ доранд. Масалан, дар як маҳалла намояндагони миллатҳои ӯзбек, рус, корейс, тоҷик ё тотор паҳлуи ҳам зиндагӣ мекунанд, фарзандони худро ба як мактаб мебаранд ва дар як хоҷагӣ паҳлуи ҳам меҳнат мекунанд. Қадр кардани ин дастоварди бузург, ин неъмати олӣ ва расондани он ба наслҳои оянда вазифаи муқаддаси ҳар яки мост.

Консепсияи таъмини озодии виҷдони шаҳрвандон ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин, ки бо Қонуни 25 феврали соли 2024 қабулшуда тасдиқ гардид, барои корҳои ин самт заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ фароҳам овард. Ин ҳуҷҷат барои кафолат додани ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба озодии виҷдон, таъмини амалии хусусияти дунявии давлати Ӯзбекистон ва муайянсозии ҳадаф ва самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин хидмат мекунад.

Аз ҷумла, Фармони Президент «Дар бораи чораҳо оид ба таҳкими минбаъдаи кафолатҳои ҳуқуқи шаҳрвандон ба озодии виҷдон ва ба марҳилаи нав баровардани ислоҳот дар соҳаи динӣ–маърифатӣ»-ро метавон идомаи мантиқии ин раванди таърихӣ арзёбӣ кард.

Дар асоси ҳамин фармон дар соҳаи динӣ-маърифатӣ ислоҳоти фарогири васеъ амалӣ шуда истодааст. Фаъолияти марказҳои байналмилалӣ ба номи бузургон чун Имом Бухорӣ, Имом Тирмизӣ ва Имом Мотуридӣ, таваҷҷуҳи афзоянда ба омӯзиши илмии мактабҳои «Ҳафт пир», таъсиси Маркази таҳқиқоти илмии Баҳоуддин Нақшбанд — ҳамаи инҳо на танҳо барои зинда нигоҳ доштани сарвати маънавии хоси миллати мо, балки барои таблиғи васеи он ба ҷаҳон замина муҳайё мекунанд.

Як мисол. Дар мадрасаи олии Мири Араби Бухоро донишомӯзон на танҳо ба таълимоти динӣ машғуланд, балки фанҳои муосир, технологияҳои иттилоотӣ, асосҳои ҳуқуқ ва иқтисодиётро низ амиқ меомӯзанд. Ин натиҷаи амалӣ шудани ғояи «Маърифат – бар зидди ҷаҳолат» мебошад. Шахсони доно, таҳаммулпазир ва дорои андешаҳои муосир дар оянда на ба экстремизм ва радикализм, балки ба сулҳ ва тараққиёт хидмат хоҳанд кард.

Бо фармон механизми шаффофи танзими муносибатҳои давлат ва дин ҷорӣ карда шуд. Масалан, тавассути «Портали ягонаи Ҳаҷ ва Умра» ва замимаҳои мобилӣ хизматрасониҳо барои зиёрат ба таври кушода ва бе монеаҳои бюрократӣ пешниҳод мешаванд, ки намунаи равшани идоракунии муосир мебошад.

Илова бар ин, дар асоси қонунҳои марбут ба таъмини озодии эътиқоди динӣ ва виҷдони шаҳрвандон, зиёда аз 200 ташкилоти конфессияҳои гуногун ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд. Ин на танҳо ба ҳуқуқи инсон, балки ба ташаккулу муҳити боэътимоди иҷтимоӣ низ мусоидат мекунад.

Истиқлол ба мо ҳуқуқи муайянсозии тақдири худро ато кард. Аммо ин ҳуқуқ на танҳо рушд, балки масъулиятро низ тақозо мекунад. Агар ҳар як миллату қавм, ҳар як намояндаи дин дар ҷомеаи мо худро узви пурраи ин Ватан ҳис кунад — ин бузургтарин пирӯзии истиқлол аст.

Қарори мазкури Президент низ маҳз ба таҳкими минбаъдаи муҳити таҳаммулпазирӣ ва ба баланд бардоштани эътимоди мардум ба сулҳ ва ҳамбастагӣ равона шудааст. Ин ҷашн на танҳо санаи таърихист, балки як чароғи роҳнамои он аст, ки мо чӣ гуна кишвари ояндаро мехоҳем бунёд кунем.

Ҷашни 34-солагии истиқлолияти давлатӣ таҳти шиори «Барои Ватан, барои миллат, барои халқ!» ҷараён дорад. Ин шиор на танҳо ғояи асосии ҷашн, балки мазмуну мӯҳтавои тамоми ислоҳоте мебошад, ки дар роҳи истиқлол амалӣ мешаванд. Он манбаи илҳомест, ки орзу ва умедҳои неки мардум, муҳаббат ба Ватан ва масъулиятро нисбат ба оянда дар худ таҷассум мекунад.

Дар чорабиниҳо вақдати намояндагони миллату қавмҳои гуногуни кишварамон, таҳаммулпазирии иҷтимоӣ, самараи ислоҳоти ба ҳифзи сулҳ ва ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа равонашуда, нақши шоистаи ҳар як шаҳрванди кишвар дар бунёди ояндаи устувори Ӯзбекистони Нав — мавриди таъкид қарор мегиранд.

Аз ин рӯ, мақсад гузошта мешавад, ки ғояи «Барои Ватан, барои миллат, барои халқ!» на танҳо шиори ҷашн, балки такягоҳи маънавии тамоми стратегияи рушди миллии мо гардида, дар шуур ва дили ҷомеа ҷойгоҳи устувор пайдо кунад.

Истиқлол — озодии сухан, озодии виҷдон, ҳуқуқ ба андешаи шахсӣ ва эътиқод мебошад. Кафолат ёфтани ин ҳуқуқҳо ва эътирофи онҳо дар сатҳи сиёсати давлатӣ бояд боиси ифтихори ҳар як шаҳрванди кишвар бошад. Зеро, дар замири рӯзи истиқлол маърифат, нур, ҳадафи муштарак ва эҳтиром ба арзишҳои умумибашарӣ таҷассум ёфтааст.

Шаҳноза ХОЛМАҲАМАТОВА,
депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.

Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ ТАЪМИНИ ИҶРОИ СОЗИШНОМАҲОЕ, КИ ДАР ЧОРЧӮБИ ҶАМЪОМАДИ НАВБАТИИ ШӮРОИ САРМОЯГУЗОРОНИ ХОРИҶӢ БА ДАСТ ОМАДААНД

Бо мақсади таъмин намудани татбиқи пешниҳодҳо ва ташаббусҳое, ки дар ҷараёни ҷамъомади сеюми умумии Шӯрои сармоягузорони хориҷии назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки 11 июни соли 2025 баргузор шуд, баён гардидаанд, **қарор мекунам:**

I. Татбиқи системавии пешниҳод ва ташаббусҳои баёнгардида

1. Инҳо тасдиқ карда шаванд:

а) **Нақшаи чорабиниҳо** оид ба татбиқи пешниҳодҳо ва ташаббусҳое, ки дар ҷамъомади сеюми умумии Шӯрои сармоягузорони хориҷии назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон баён гардидаанд, **мувофиқи замимаи № 1**;

б) **Ҳайати таҳдидшудаи** тарафи ӯзбекии Шӯрои сармоягузорони хориҷии назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, **мувофиқи замимаи № 2**.

(і) Дар баробари ин, ба Шӯрои сармоягузорони хориҷӣ (минбаъд – Шӯро) ҳуқуқ дода мешавад, ки **гурӯҳҳои корӣро** аз рӯи самтҳо дар назди худ ташкил намояд, инчунин ба ҳайати онҳо роҳбарон (кормандон)-и вазоратҳо ва идораҳоро ҷалб намояд.

II. Такмил додани фаъолияти Котибияти Шӯро ва гурӯҳҳои корӣ

2. Бо пешниҳоди зерини аъзои Шӯро ва муассисаҳои молиявии байналмилалӣ розигӣ дода шавад:

а) ташкили **Котиботи Шӯро** ҳамчун **ташкилоти ғайридавлатии ғайритиҷоратӣ ва ҷалб намудани муассисаҳои молиявии байналмилалӣ** ба узвияти он;

б) таҳияи пешниҳодҳо аз ҷониби **Котиботи Шӯро** ҷиҳати беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ дар кишвар тавассути ҳамкории бевосита бо сармоягузорони хориҷӣ, инчунин мусоидат ба ҷалби сармояҳо барои татбиқи лоиҳаҳо;

в) **ҳамоҳангсозии** фаъолияти Шӯро аз ҷониби Котиботи он дар робита бо мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо, инчунин гузаронидани **машваратҳо** бо намояндагони ширкатҳои ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳое, ки дар ҷамъомадҳои Шӯро муҳокима мешаванд;

г) ворид намудани маълумот дар бораи натиҷаҳои фаъолияти Котиботи Шӯро ва гурӯҳҳои корӣ ба Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Девони Вазирон **оид ба ҷамъбасти ҳар семоҳа.**

3. Вазифаҳои гурӯҳҳои корӣ инҳо муайян карда шаванд:

а) баррасии **ҳармоҳа** дар ҳамкорӣ бо Котиботи Шӯро ҷараёни иҷрои корҳое, ки дар доираи **Нақшаи чорабиниҳои** дар замимаи № 1 ба қарори мазкур оварда шудааст;

б) иштирок дар таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба беҳтарсозии муҳити сармоягузорӣ равона шудаанд.

III. Ҷорӣ намудани низоми иттилоотии «Платформаи ягонаи сармоягузорӣ»

4. Ба зиммаи роҳбарони мақомоти ҳокимияти иҷроияи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, инчунин роҳбарони ташкилотҳое, ки дар бунёди оинномавии онҳо ҳиссаи давлатӣ 50 фоиз ва аз он зиёдро ташкил медиҳад, барои инҳо ҷавобгарии шахсӣ гузошта мешавад:

а) анҷом додани корҳои ҳамгироӣ мувофиқи ҷадвал тибқи рӯйхати низомҳои иттилоотӣ, ки бояд бо системаи иттилоотии «Платформаи ягонаи сармоягузорӣ» ҳамроҳ карда шаванд;

б) ба системаи иттилоотии «Платформаи ягонаи сармоягузорӣ» ҷойгир намудани лоиҳаҳои мушаххас ва истиқболнок дар шакле, ки Вазорати сармоягузорӣ, саноат ва савдо тасдиқ кардааст.

5. Муовини Сарвазир Ҷ.А. Хӯҷаев **дар муҳлати як ҳафта** вазифадор карда мешавад, ки **механизм ва ҷадвали ҳамгироии** низомҳои иттилоотие, ки тавассути онҳо хидматҳои давлатӣ **расонида мешаванд**, бо низоми иттилоотии «Платформаи ягонаи сармоягузорӣ» тасдиқ намуда, муҳлатҳо ва шахсони масъулро мушаххас намояд.

IV. Ташкил, таъмини иҷрои қарор ва назорат

6. Мақомоти ҳокимияти иҷроияи ҷумҳуриявӣ ва иттиҳодияҳои хоҷагӣ вазифадор карда мешаванд, ки татбиқи самаранок, бечунучаро ва босифати пурраи пешниҳодҳо ва ташаббусҳои дар Нақшаи чорабиниҳо пешбинишударо, ки дар замимаи №1 ба қарори мазкур нишон дода шудааст, дар муҳлатҳои муайянгардида таъмин намоянд.

7. Ба намояндаи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон А.Ю.Мағрупов, муовинони Сарвазир Ҷ.А. Хӯҷаев ва Ҷ.А.Қӯчқоров, инчунин Вазорати сармоягузорӣ, саноат ва савдо супорида шавад:

а) **мониторинги мунтазам ва бонизом, инчунин назорати қатъиро** аз болои татбиқи саривақтӣ ва босифати пешниҳодҳо ва ташаббусҳое, ки дар ҷараёни ҷамъомади сеюми умумии Шӯрои сармоягузорони хориҷӣ баён шудаанд, ба роҳ монанд;

б) ҳамоҳангсозии фаъолияти вазорату идораҳоеро, ки барои таъмини иҷрои бечунучарои Нақшаи чорабиниҳо, ки дар замимаи №1 ба қарори мазкур зикр шудаанд, масъуланд, таъмин карда, **дар поёни ҳар семоҳа** баррасии интиқодии ҷисоботи онҳоро ташкил намоянд, инчунин ҷиҳати бартарафсозии омилҳои манфие, ки ба иҷрои ин тадбирҳо монеа мешаванд, чораҳо андешанд.

8. Ба баъзе қарорҳои Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон **мувофиқи замимаи № 3** тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд.

9. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А. Н. Арипов вогузор карда шавад.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ

Шаҳри ТОШКАНД,
18 июли соли 2025.

Муносибат

БО ДАРДИ МАРДУМ ЗИСТАН БАРОИ МО ҚАРЗИ ВИҶДОН АСТ

Мулоқоти рӯ ба рӯ бо мардум, ҳал намудани мушкилот ва ниёзҳои муҳими онҳо яке аз вазифаҳои муҳими рӯзмарраи мо гардидааст. Ҳамзамон, ин раванд ба ҳар як роҳбар масъулияти махсус вогузор мекунад, онҳоро водор месозад, ки бо дарди мардум зиндагӣ кунанд ва барои ҳалли мушкилоти онҳо роҳи дуруст нишон диҳанд.

Омӯзиши мушкилоти сокинон дар маҳалҳо, додани баҳои одилона ва воқеъӣ ба онҳо, ҷустуҷӯи роҳҳои бартараф кардани камбудиҳо кори на ҳар кас аст.

Мулоқот бо мардум барои такмили куллии муносибатҳои мутақобилаи мақомоти давлатӣ бо шаҳрвандон замина фароҳам меорад ва имконият медиҳад, ки бо аҳолӣ пайваста мулоқот карда, механизмҳо ва усулҳои нави самарабахши ҳал намудани мушкилоти онҳоро пайдо кунанд.

28 декабри соли 2016 Фармони Президент «Дар бораи чорабиниҳо оид ба такмили куллии низоми кор бо мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» қабул шуда буд. Тибқи он, Қабулхонаҳои халқии Президент ва Қабулхонаи виртуалӣ ташкил карда шуданд.

Ҳамчунин, бо қарори роҳбари давлат аз 8 августи соли 2017 «Дар бораи чорабиниҳои афзалиятнок ҷиҳати таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии босуръати минтақаҳо», фаъолияти секторҳое, ки дар ҳамаи минтақаҳои кишвар ба роҳ монда шуданд, омили муҳими наздиктар кардани мақомоти давлатӣ ба аҳолӣ ва ташкили муколамаи мунтазам бо мардум гардиданд.

Зеро, ба гуфтаи роҳбари давлатамон, моро халқ тарбия карда, ба воя расондааст. Ба ҳамаи мо халқ ризқу рӯзӣ додааст. Ба мо бовар карда, моро роҳбар интихоб кардааст. Пас, пеш аз ҳама бо кӣ бояд мулоқот кунем? — бо мардуми худ. Бо кӣ бояд машварат кунем? — пеш аз ҳама бо халқамон. Дар ин сурат, халқ аз мо розӣ мешавад. Вақте халқ розӣ бошад, дар кор самара ва баракат хоҳад буд».

Дар ҳақиқат, шаҳрвандон солҳо дар байни идораҳои гуногун сарсон мешуданд. Дастрасӣ пайдо кардан ба қабулгоҳҳои роҳбарони аввал барои мардум қариб ғайриимкон гардида буд. Хусусан, ин ки мақомоти давлатӣ ва ҳокимиятҳои маҳаллӣ пушти панҷараҳои оҳанин пинҳон мешуданд, ба мардум сахт таъсир мекард ва боис мегардид, ки эътимодашон ба роҳбарон коста шавад. Дар натиҷа, фосилаи байни давлат ва мардум хеле дур шуда буд.

Маҳз аз ҳамин сабаб, роҳбари кишвар Шавкат Мирзиёев ислоҳотро аз таъмин намудани ҳуқуқҳои инсон, барпо намудани пули эътимод байни давлат ва мардум оғоз карданд. Он чиз ки ба мардуми мо расид, ҳамватанонамон — фикру андешаҳо, дарду ташвишҳо ва орзуҳои онҳо дар сатҳи Президент аҳамият дода мешавад, барои ҳар яки мо аҳамияти калон пайдо кард.

Роҳбарони масъул ба дурдасттарин, душвортарин ҳудудҳо рафта, маҳалла ба маҳалла, деҳа ба деҳа, кӯча ба кӯча гашта, муроҷиатҳоро шунида, дар ҷойшон ҳалли онҳоро таъмин мекунанд.

Дар мусоҳибаи роҳбари давлатамон бо рӯзномаи «Янги Ўзбекистон» таҳти унвони «Ўзбекистони нав ба кишвари дигаргуниҳои демократӣ, имкониятҳои васеъ ва корҳои амалӣ табдил меёбад» роҳбари давлатамон таъкид карданд, ки ба розӣ кардани халқ, ҳалли мушкилоти онҳо ва фароҳам овардани шароити муносиб барои зиндагии фароҳам афзалият дода мешавад.

«...халқи мо ҳамаҷониба ҳақ дорад ва сазовори он аст, ки аз хидмати давлатӣ розӣ бошад. Танҳо ҳокимияти давлатие, ки бар асоси чунин принсипҳо бунёд шудааст, воқеан халқӣ ва демократӣ ҳисобида мешавад. Ин гуна давлат ва ҷомеа решаҳои сиёсию ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва маънавию маърифатии қавӣ ва устувор хоҳанд дошт», — таъкид карданд Президент дар он мусоҳиба.

Бо назардошти хоҳишу ирода ва орзуҳои мардум, ки шарти муҳими бунёди давлати ҳуқуқбунёди демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандии озод аст, ба он ноил гардидем, ки мақомоти давлатӣ ба аҳолӣ дар асоси тамоюли «На шаҳрвандон, балки ҳуҷҷатҳо ҳаракат мекунанд» хизмат расонанд. Ин бошад далели он аст, ки низоми нави хидматрасониҳои давлатӣ барои осон кардани мушкилоти мардум, фароҳам овардани шароити қулай ва таъмини шаффофият дар муносибатҳои «давлат — шаҳрванд» таҳия ва ҷорӣ гардид.

Бо мақсади татбиқи сиёсати халқпарварона барномаҳо ва лоиҳаҳои зиёде ба ҳаёт татбиқ мешаванд. Аз ҷумла, барномаҳои «Деҳаи обод», «Маҳаллаи обод», «Панҷ ташаббуси муҳим», «Ҳар як оила — соҳибкор», «Ҷавонон — ояндаи мо» имрӯз дар зиндагии мо натиҷаҳои мусбати худро дода истодаанд.

Дар ҳақиқат, дар кишваре, ки мардуми он бо розигӣ ва қаноатмандӣ зиндагӣ мекунад, файзу баракат, сулҳу оромӣ ва хотирҷамъӣ ҳукмфармо мегардад. Ва дар кишваре, ки ороміву сулҳ ҳаст, рушд ҳамеша барқарор хоҳад буд.

Дар ҷамъомади видеоселекторие, ки таҳти роҳбарии Президенти мо 16 июни соли ҷорӣ баргузор гардид ва ба масъалаҳои натиҷадории ислоҳот, раванди корҳо дар минтақаҳо ва таҳлили масъалаҳое, ки аҳолиро нигарон мекунанд, бахшида шуда буд, ба фаъолияти Қабулхонаҳои халқӣ низ баҳо дода шуд.

Тавре таъкид шуд, вақтҳои охир Қабулхонаҳои халқӣ, ба ҷои он ки дарди мардумро шунаванд ва масъалаҳоро ҳал намоянд, ба як воситаи миёнарав табдил ёфта, муроҷиатҳоро ба ташкилотҳои давлатӣ тақсим мекунанд. Дар натиҷа, мушкилоти ҳалнашудаи маҳаллӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ба масъулин «расонида» шудан гирифт. Зеро, пушти ҳар як муроҷиат тақдири инсон, дард ва умеди ӯ қарор дорад.

Ҳақ аст. Оё масъалаҳое, ки дар қарор ва фармонҳои зиёди Президенти мо ифода ёфтаанд, орзуҳое нестанд, ки халқ дар дил нигоҳ медорад?! Ё ин ки роҳбари давлат, ки бо ғами мардум зиндагӣ мекунад ва барои сабук кардани мушкилоти онҳо хона ба хона, маҳалла ба маҳалла мегардад ва мустақим ба мушкилот рӯ ба рӯ шуда, ба ҳалли онҳо дар ҷояшон шурӯъ мекунад, далели ватанпарастӣ, халқпарварӣ, ҷасорат ва матонат нест?!

Инро гуфтан осон аст. Аммо ин роҳ роҳи оддӣ нест, балки роҳи эътимодест, ки бо дарди халқ ва муҳаббат ба халқ пайваст шудааст. Ин яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати прагматикӣ ва халқпарваронаву дурандешонаи Президенти мост, ки онро якҷо бо халқамон то ба охир мерасонем ва ҳеҷ гоҳ ба қафо намегардем.

Бешубҳа, бо дарди халқ зиндагӣ кардан барои мо вазифаи муқаддас аст.

Гулрух АҒЗАМОВА,
раиси Кумитаи Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис,
аъзои фраксияи Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат».

Дар ҳошияи як мавзӯъ

АЛИМЕНТ БАРОИ ФАРЗАНД: БА ҲАМСАР ҶАЗО АСТ Ё МАҶБУРИЯТ?



Дар ҷомеаи имрӯза супоридани ҳаққи фарзандон, яъне алимент, ба яке аз масъалаҳои муҳим табдил ёфтааст. Зеро он дар таҳкими муносибатҳои хонаводагӣ, таъмини адолати иҷтимоӣ, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон, иҷрои ӯҳдадориҳои қонунии падару модар, инчунин, беҳсозии вазъи иқтисодиву иҷтимоии ҷонибҳо аҳамияти калон дорад.

Бинобар ин, солҳои охир дар мамлакат ҷиҳати беҳтар кардани қонунгузории алимент, аз ҷумла омӯхтани таҷрибаи ҷаҳонӣ дар ин самт, баланд бардоштани назорату ҷазо, роҳандозии механизмҳои иҷрои маҷбурӣ, роҳу усулҳои муосири ситонидани алимент, инчунин, такмил додани низоми пардохт чорабиниҳои судманд амалӣ мешаванд.

Аз ҷумла, дар Конститутсияи мамлакат фароҳам овардани беҳтарин шароит барои рушди комили кӯдак чун ӯҳдадории давлат муайян гардида, дар қонунгузорӣ чораҳои ҷазои маъмурӣ ва ҷиноятӣ барои саркашӣ аз пардохти алимент шадидтар карда шуд. Дар Бюрои иҷрои ҳатмии назди Сарпрокуратура Бунёди «Пардохти алимент» таъсис ёфт ва боз як қатор корҳои шоиста амалӣ шуданд. Сад афсӯс, ки новобаста аз чунин тадбирҳо сол то сол ҳолатҳои саркашӣ аз пардохти алимент меафзояд. Дар партави ин «ҳангома»-ҳои нав ба нав, ки мо дар оғози мақолаи «Алимент: аз Ҳаммурапӣ то ба имрӯз» (№ 58, «Овози тоҷик», 19 июли соли 2025) ёдовар кардем, зиёд ба миён меоянд.

– Мо бисёр мушоҳида мекунем, ки баъзе волидон, хусусан падарони ҷудошуда, аз иҷрои ӯҳдадориҳои худ нисбати таъмини фарзанд сарпечӣ мекунанд, – иброз дошт роҳбари хидмати матбуоти Бюрои иҷрои ҳатмии назди Сарпрокуратура Фаррух Тошпӯлодов. – Ин амали носавоб на танҳо боиси вазнин шудани зиндагии модар ва кӯдак мегардад, балки ҳуқуқҳои қонунии фарзандонро поймол менамояд. Фарзанд ҳақ дорад, ки пас аз ҷудо шудани падару модараш низ аз шароити муносиб бархӯрдор бошад ва ин масъулият, пеш аз ҳама, бар дӯши волидон ҳаст ва мемонад. Агар ба рақамҳо диққат намоем, соли 2018 доир ба ситонидани алимент ва таъминоти моддӣ ҳамагӣ 240 ҳазор ҳуҷҷати иҷро мавҷуд буд. Дар нимсолаи аввали соли 2025 бошад, ин нишондиҳанда 348 ҳазорро ташкил кард. Яъне, дар ҳафт соли охир ҳуҷҷатҳои марбут ба пардохти алимент ва таъминоти моддӣ 45 фоиз афзудааст. Ин парвандаҳо ба таъмини моддии тақрибан 400 ҳазор ноболиғ вобаста мебошанд, ки ин яке аз масъалаҳои муҳим ва ҳамзамон мушкилоти иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Ин маънои онро дорад, ки қариб 400 ҳазор нафар кӯдакон аз тарбияи падар, модар ва ё ҳар дуи онҳо маҳруманд.

Бино ба маълумоти масъули соҳа танҳо дар соли 2024 аз тарафи мақомоти бюро 2,1 триллион сӯм маблағи алимент рӯёнда шуд. Аз ҷумла, 46,3 миллиард сӯмро ҳамчун пешпардохт ситонданд. Танҳо дар моҳи январи соли равон аз ҳисоби Бунёди «Пардохти алимент» ба 1723 алиментгиранда 40,6 миллиард сӯм пардохт карда шуд. Бо вуҷуди ин, дар самти пардохт ва рӯёндани алимент мушкилӣ ва камбудиҳо ба чашм мерасанд. Масалан, дар соли 2023 шумораи шахсоне, ки барои саркашӣ аз таъминоти моддӣ (алимент) ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудаанд, 5697 нафар будааст. Дар соли 2024 ин нишондиҳанда 35 фоиз афзуда, ба 8 833 нафар расидааст. Танҳо дар соли гузашта, судҳои ҷиноятӣ нисбат ба ҷунин қарздорон 1109 ҳукми айбдоркунанда содир кардаанд.

Таъкид гардид, ки ҳоло дар мақомоти бюро оид ба ситонидани алимент ва таъминоти моддӣ қариб 350 ҳазор ҳуҷҷати иҷро мавҷуд буда, ба ҳар як корманди бюро моҳе тақрибан 147 парвандаи иҷро рост меояд. Содатар карда гӯем, аз 93 ҳазор муроҷиате, ки дар муддати сипаришудаи соли равон дастрас гардиданд, беш аз 56 ҳазор муроҷиат, яъне 60,4 дарсади он ба масъалаҳои алимент вобастаанд.

То ҳол аз рӯйи иҷрои кор оид ба алимент нисбат ба 8227 шаҳрванд ҷустуҷӯ эълон гардида, пас аз чорабиниҳои зудамали кофтуков 5853 нафар дастгир ва ба ҷавобгарӣ кашида шуданд.

– Дар нимсолаи аввал аз ҷониби бюро барои таъминоти фарзандон 6,6 триллион сӯм алимент ситонида шуд, – афзуд Ф.Тошпӯлодов. – Гайр аз ин, дар натиҷаи анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ 179 манзили истиқоматӣ, 45 сабукрав ва 280 намуди дигари амвол бар ивази алимент ҳамчун пешпардохт тақдим гардид. Набояд фаромӯш кард, ки ҳимояи таъминоти моддии кӯдакони ноболиғ тавассути супоридани алимент масъалаи муҳим аст. Падару модарон пардохти сариваҷтии алиментро на чун ҷазо, балки ҳамчун маҷбурияти ӯҳдадории қонунии худ бояд қабул кунанд. Зеро, мақсади асосии пардохти алимент таъмини ҳуқуқ, манфиат ва эҳтиёҷоти кӯдак мебошад. Мутаассифона, дар раванди кор ҳолатҳое мушоҳида мешаванд, ки баъзе «ҷавонмардон» аз супоридани алимент ба фарзандони худ саркашӣ мекунанд. Онҳо на танҳо ба ҳуқуқҳои қонунии кӯдак беэътиборӣ менамоянд, балки ҳуқуқу масъулияти шахсии хешро низ намедонанд ё нодида мегиранд.

Воқеан, падару модарон на танҳо барои таълими шоиста, тарбияи ахлоқӣ, ҳифзи саломатии фарзандон, балки мувофиқи қонунгузорӣ ва аз лиҳози динӣ баҳри таъмин ва нигоҳубини онҳо низ вазифадоранд. Ин на танҳо ӯҳдадории қонунӣ, балки қарзи виҷдонӣ ва инсонии ҳар як шахс мебошад. Хуб, вақте чунин аст, чаро аксар волидон аз пардохти алимент сар мекашанд? Барои чӣ теъдоди зиёди онҳо танҳо дар шиноснома чун падар мемонанд? Дар ин маврид дар дини мубини мо чӣ гуфта шудааст?

Дар мақолаи навбатӣ маҳз ба паҳлуҳои динии масъала, яъне сарпечӣ аз таъминоти маънавию моддии фарзандон аз нигоҳи Ислом таваҷҷуҳ хоҳем кард.

Фаридуни ФАРҲОДЗОД,
мухбири «Овози тоҷик».

ДАР ДОИРАИ МАВЗӮЪ:

Дар мамлакати мо қариб 3500 нафар занон маҷбурияти пардохти алимент барои таъмини фарзандонро доранд. Ҳолатҳои пардохти алимент аз ҷониби модарон беш аз ҳама дар вилояти Самарқанд ба чашм мерасад. Дар зинаҳои баъдина вилоятҳои Фарғона, Сурхондарё ва Андиҷон қарор доранд. Бино ба таъкиди Бюрои иҷрои ҳатмӣ аслан шумораи модарони алиментдиҳанда хеле каманд. Аммо бинобар бамаротиб афзудани теъдоди алиментдиҳандагон дар солҳои охир, шумораи чунин модарон низ меафзоянд.

ПАРВОЗҲОИ «САМАРҚАНД — ДУШАНБЕ» ОҒОЗ ГАРДИДАНД

20 июл дар Фурудгоҳи байналмилалии Самарқанд аввалин парвози ҳавопаймо дар масири Самарқанд–Душанбе–Самарқанд аз ҷониби ширкати ҳавопаймоии «Centrum Air» сурат гирифт.
Дар маросими ифтитоҳи хатсайри мазкур Сафири Фавқулода ва Мухтори Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода, ҷонишини ҳокими вилояти Самарқанд Рустам Қобилов, директори тиҷоратии ширкати ҳавопаймоии «Air Marakanda» Дмитрий Мартиненко ва намояндагони ҷамъият иштирок намуданд.

— Ташкил намудани хатсайри мазкур ду сол тарҳрезӣ шуд ва имрӯз амалӣ гардид, — гуфт Д.Мартиненко. — Парвозҳо ҳафтае ду маротиба: панҷшанбе ва якшанбе анҷом дода мешаванд. Мусофирон метавонанд тавассути онҳо дар як соат ба Душанбе раванд ё ба Самарқанд баргарданд. Нархи билет низ мувофиқ аст.

Бояд таъкид намуд, ки ширкати ҳавопаймоии «Centrum Air»-и Ӯзбекистон парвозҳои мустақимро дар хатсайри Тошканд–Душанбе–Тошканд низ ба роҳ мондааст. Дар ин масир ширкати «Uzbekistan Airways» ва «Somon Эйр»-и Тоҷикистон низ парвоз анҷом медиҳанд.

Парвозҳо дар асоси Созишномаи байниҳукуматии Ӯзбекистон ва Тоҷикистон оид ба алоқаи ҳавоӣ, ки 9 марти соли 2018 имзо шудааст, ба роҳ монда мешавад.

– Роҳандозии парвозҳо дар масири Тошканд–Душанбе–Тошканд ва Самарқанд–Душанбе–Самарқанд барои таҳкими минбаъдаи дӯстии халқҳои ба ҳам бародар, инчунин, рушди сайёҳӣ ва рафту омади бемамонияти шаҳрвандони Тоҷикистон ва Ӯзбекистон заминаи мусоид фароҳам меорад, – гуфт Абдуҷаббор Раҳмонзода. – Ҳама меҳмонони хориҷие, ки аз шаҳрҳои Тоҷикистон дидан мекунанд, мехоҳанд аз шаҳрҳои таърихии Самарқанду Бухоро, Хоразму Хива низ боздид ба амал оваранд. То ҳол барои амалӣ гардонидани ин хоҳиши сайёҳон имконият вуҷуд надошт. Акнун ин имконпазир аст. Бо як сухан, ин иқдом дар доираи густариши ҳамкории алоқаи ҳавоӣ байни Тоҷикистону Ӯзбекистон амалӣ шуда, имкониятҳои мусофиронро барои сафар боз ҳам васеътар мегардонад.

Баъди фуруд омадани ҳавопаймо дар Фурудгоҳи байналмилалии Самарқанд меҳмононро сокинони шаҳр бо нону намак, карнаю сурнай ва рақсҳои дилнишин пешвоз гирифтанд.

Шаҳзод КЕНҶАЕВ,
вилояти САМАРҚАНД.

90 РӮЗИ ЗАРБДОР

ТАЪТИЛИ ТОБИСТОНА – ДАР ДОИРАИ БАРНОМА

Дар чорабинии видеослектории ба соҳаи талим бахшидашуда, ки чанде қабл таҳти роҳбарии Саввари кишварамон баргузор шуда буд, аз рӯйи сермазмун гузорандани давраи таътили тобистонаи хонандагони мактабҳои таълими ҳамагонӣ татбиқи лоиҳаи «90 рӯзи зарбдор» ба миён гузошта шуд.

Ин аст, ки Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ дар доираи «90 рӯзи зарбдор» чорабиниҳои зиёд андешидааст. Аз ҷумла, дар соли хониши равон, ба мақсади истироҳати табъи дили бачаҳо ба 5 маскани истироҳатии тобеи вазорат 1400 нафар ҷалб карда шудаанд, 47 истироҳатгоҳи ихтисосонидашуда бо омӯзгорон, тарбиятгарон ва барномаҳои услубӣ таъмин гардиданд, ба мақсади беш аз пеш оммавӣ гардидани китобхонӣ, ба истироҳатгоҳҳо 65 ҳазор китоби бадеӣ интиқол дода шуд. Барилова, дар муассисаҳои таълимӣ 1239 майдончаи солимгардонӣ (ройгон) созмон дода шуданд, ки 168547 нафар бачаҳоро дар бар гирифтанд.

Дар мактабҳои таълими ҳамагонии ноҳия таълим ба се забон: ӯзбекӣ, тоҷикӣ ва русӣ роҳандозӣ шудааст. Теъдоди хонандаҳо 3 ҳазору 930 нафарро ташкил медиҳад. Дар 72 мактаб қариб 40 ҳазор нафар хонанда таълим мегирад.

Мо низ бино ба лоиҳаи «90 рӯзи зарбдор» чорабиниҳои зиёд андешидем. Ба ҳамаи муассисаҳои таълимии ноҳия тибқи нишондоди Вазорати таълими томактабӣ ва мактаб тавсияҳо пешниҳод шуданд.

Мувофиқи нақша барои сермазмун гузорандани вақти холии хонандагон дар доираи «Театри мактаби Тӯрон», «Ансамбли мактаби иқтидор», бозиҳои «Заковати зеҳнӣ», «Аз пайи ҷадидон», «Хонандаи китобхон», мусобиқаҳои варзишии «Панҷ ташаббус», ки дар миқёси ҷумҳурӣ гузаронда мешаванд, саҳми назаррас хоҳем гузошт. Аз оғози таътил дар муассисаҳои таълими томактабӣ ва мактабии тобеи таълими халқи ноҳия бино ба волейбол Ҷоми роҳбари шуъбаро эълон кардем, ки зинаҳои мактабию ҳудудиашон аз 1 то 24 июн баргузор шудаанд. Голибони мусобиқа бо диплом, медал ва туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонда шуданд. Зинаи ноҳиявии он низ баргузор хоҳад шуд.

Бояд гуфт, ки дар 8 мактаби таълими ҳамагонии тобеи шуъбаи таълими томактабӣ ва мактаби ноҳия, аз ҷумла, дар мактабҳои рақами 2, 5,12, 17, 24, 27, 33 ва 64 осоишгоҳҳои солимгардонии наздимактабӣ ташкил карда шуданд, ки 850 нафар хонандагони аз 7 то 14-соларо дар бар гирифтаанд.

Муассисаи таълими ҳамагонии рақами 15 (директораш Садриддин Мирзоев), ки таълим дар он ба ду забон – тоҷикиву ӯзбекӣ роҳандозӣ шудааст, дар татбиқи чорабиниҳои «90 рӯзи зарбдор» фаъол аст. Дар ин даргоҳ 44 нафар омӯзгорони соҳибтаҷриба ба 480 нафар хонанда асосҳои илмро меомӯзанд. Соли сипаригардида донишомӯзи синфи 11-уми ин мактаб Таманно Тоҳирова аз фанҳои информатикаю химиё дар зинаи вилоятии олимпиада ва забони хориҷӣ дар зинаи ҷумҳурӣ иштирок намуд, ки аз дастовардҳои ҷамоаи муассисаи таълимии мазкур мебошад.

Директори ҷавони серғайрат саъю кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки таътили тобистонаи донишомӯзон дар доираи лоиҳаи «90 рӯзи зарбдор» табъи дил гузарад. Дар назди мактаб истироҳатгоҳи тобистона амал мекунад. Мураббиёни соҳибтаҷрибаи мактаб ба хонандагон муҳаббати беандоза доранд.

Тибқи лоиҳа донишомӯзон дар маҳфилҳои гуногун, аз ҷумла, шоми дӯстӣ, санъати тасвирӣ, омӯхтани забонҳои хориҷӣ, шоҳмоту шашка, «Аниси кунҷи таҳоӣ китоб аст», бозиҳои гуногуни варзишӣ гирдиҳам меоянд. Рағбатноксозии фаъолон ва ғолибон дар маҳфилҳо натиҷаи матлуб мебахшад.

Татбиқи лоиҳаи «90 рӯзи зарбдор» , бешубҳа, ба сердавқ ва сермазмун гузаштани таътили тобистонаи мактабиён, мураббиён ва омӯзгорон мусоидат менамояд, имкон медиҳад, ки насли ҷавон дар соли нави хониш бо рӯҳбаландӣ по ба зинаи мактаб гузорад.

Сафар АБДИЕВ,
роҳбари шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳияи Узуни вилояти Сурхондарё.

Ниёгони бузурги мо

МУРИДИ САДОҚАТМАНДИ «ХОҶАИ БУЗУРГ» КӢ БУД?

Яке аз шайхҳои маъруфи сӯфиёни Мовароуннаҳр, пири муршиди машҳури тариқати нақшбандӣ, ки ба дараҷаи авлиё расидааст, Мавлоно Лутфуллоҳ соли 1485 дар деҳаи Чодак, дар оилаи яке аз уламои номдор – Хоҷа Фатҳуллоҳ таваллуд шудааст.

Ӯ ба Офаридгор ҳамду сано гуфта, менависад, ки «рӯзе модарам ба падарам гуфтааст: «Ҳини дар гаҳвора будани фарзандамон, дар ӯ ду нишонаро пай бурдам. Якум, вақте барои маконидан синаамро ба даҳонаш бурдам, рӯяшро гардонд. Он вақт таҳоратам набуд. Вақте таҳорат кардам, синаамро ба даҳон гирифт. Баъди ҳамон ӯро бе таҳорат наметавонам. Дуюм, рӯзе поси шаб барои маконидан хестам ва бо кадом чашм бубинам, ки зани сафедпӯше ӯро мемаконад. Ин ҳолат бароям аҷиб намудор шуд ва то ҳол онро ба касе ошкор накардам. Акнун шуморо хабардор карда истодаам». Вақте падарам инро мешунаванд, ба модарам: «Ин сирро ба касе нагӯед, то баногоҳ чашм нагирад», гуфта будаанд.

Мавлоно Лутфуллоҳ боз менависад: «Вақте панҷсола будаму бо бачагон бозӣ мекардам, маро ба мактаб бурданд. То синни ҳафтсолагӣ Қуръонро аз ёд кардам. Бо намоз ҳам машғул шудам. Ҳар саҳар мӯйсафеде пайдо шуда, маро аз хоб бедор мекард. Ӯ намози таҳаҷҷудро хонда, маро низ барои хондан даъват менамуд. Ин ҳолат то замоне, ки ба Самарқанд барои таҳсил рафтам, давом кард».

Мавлоно Лутфуллоҳ баъди чандин сол аз Чодак ба Чуст омада, аввал дар деҳаи Забиргон (Зутқанд), баъд қариб даҳ сол дар деҳаи Карнон зиндагӣ мекунад. Сипас, боз ба шаҳри Чуст баргашта, дар Камарсада (ҳоло боғи истироҳатии ин ҷо ба номи ин донишманди бузург аст) манзил ихтиёр менамояд.

Аз байн чанде гузашта, чун шогирди Махдуми Аъзами Косонӣ қариб 30 сол дар даргоҳи ӯ илмҳои фиқҳ, мантиқ, тафсир, ҳадис, ахлоқ, инчунин асрори олами ботот, табобат, миробиро меомӯзад.

Махдуми Аъзам ҳар доим Мавлоно Лутфуллоҳ Чустиро рӯҳбаланд намуда, ӯро бо худ ба сафарҳои як қатор минтақаҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Фарғона, Косон, Марғилон, Чодак, Ахсикент, Чуст, Тошканд, Самарқанд, Бухоро, Ҳисор ҳамроҳ бурдааст.

Махдуми Аъзам, ки аз роҳнамоёни аҳли тариқат, олими шинохтаи тасаввуф, соҳиби каромат буд ва ҳамчун пешвои дин унвони «Хоҷаи бузург»-ро дошт, вақти дар қайди ҳаёт будани худ ба муридҳояш таъкид кардааст, ки «Баъд аз мо ба шумо Мавлоно Лутфуллоҳ сарварӣ мекунад». Ҳатто 13 «Иршоднома» навишта, инро тасдиқ намудааст, яъне барои ба тариқати тасаввуф мустақилона роҳнамоӣ кардани эшон фотиҳа додааст.

Қадрдонии Махдуми Аъзами Косонӣ ва Мавлоно Лутфуллоҳ Чустиро аз ҳамин ҳам донистан мумкин аст, ки муриди садоқатманд писари хурдии пири худ Хоҷа Исҳоқ Валиро ҳамчун шогирд қабул карда, ба ӯ духтараш Бибӣ Ниҳояро додааст.

Мавлоно Лутфуллоҳ (ҳамсараш духтари Қозӣ Маҳмуди Чодакӣ) вақте дар Чуст умр ба сар мебурд, ба корҳои бузурги ободонӣ сарварӣ намудааст. Аз ҳисоби маблағи худ нилҳои сафолин сохта, онҳоро зери хок намуда, дар шаҳр ҷӯйҳои пӯшидаро бунёд кардааст. Ғайр аз ин, маҳз бо ташаббуси ӯ дар деҳаҳои Тепақӯрғон, Ёқишлоқ, Алмос, Ғайрат, Шоён ва Ҳисорак якчанд ҷӯйбору ҳавзҳо кофта шудаанд. Мардуми Чуст то ҳол хуб медонанд, ки аз Говасой об гирифтани Чустсой ва Тӯдасой низ нақшаи ин марди кордон будааст.

Мавлоно Лутфуллоҳ соли 1571 дар шаҳри Чуст вафот карда, дар ҳамин ҷо ба хок супурда шудааст.

Аз байн солҳои зиёд гузашта, аз солҳои 1960 ба боғи Чуст, ки ин ҷо хонақоҳи Мавлоно Лутфуллоҳ ҷойгир аст, боз эътибор афзуд. Дар ин ҷо 120-солагии зодрӯзи шоир Муҳаммадшариф Сӯфизодаро, ки соли 1937 бо туҳмат қатл гардида буд, ҷашн гирифта, боғро ба номи ӯ гузоштанд.

Аз соли 1995 ин боғ номи Мавлоно Лутфуллоҳи Чустиро гирифт. Ҳоло дар канори фавввораи зебои боғ нимпайкараҳои шоир, олими маърифатпарвар Муҳаммадшариф Сӯфизода ва шоири ғазалсаро Набихон Чустӣ гузошта шудааст. Дар партави ислоҳот ва бунёдкориҳое, ки тӯли солҳои истиқлол дар Чуст амалӣ гардиданд, дар ин боғ мақмӯаи ёдгории Мавлоно Лутфуллоҳ қад рост кард, лавҳае гузошта шуд, ки дар ҳуд шаҷараи ин ниёи бузурги мо инъикос шудааст.

Ҳоло ин боғи сарсабзу хуррам, ки дарахтони осмонбӯс, гулгаштҳои зебо дорад, яке аз масканҳои обод ва зиёратгоҳҳои дилписанди мардум мебошад. Барои зиёрату тамошои он аз гӯшаву канори мамлакат ва ҳатто аз давлатҳои хориҷӣ меҳмонон меоянд.

Ёдоварӣ мекунем, ки то ба ҳол дар бораи рӯзгор ва осори Мавлоно Лутфуллоҳ як қатор олиму донишмандон корҳои таҳқиқотӣ анҷом додаанд. Рисолаҳои «Мавлоно Лутфуллоҳ Чустӣ»-и тадқиқотчиён Муродҷон Исмоилов ва Темуралӣ Икромов (соли 1998), «Маноқиби Мавлоно Лутфуллоҳ»-и Муҳаммад Муфтии Оҳангаронӣ (2002), китоби «Табаррук рӯҳи даъвати» («Даъвати рӯҳи табаррук»)-и адиб Мансур Инъом (2015) аз ин ҷумлаанд.

Бояд гуфт, ки авлоди Мавлоно Лутфуллоҳ то ба ҳол дар деҳаи Чодак ва шаҳри Чуст истиқомат мекунанд.

Шуҳрат ИНЪОМОВ,
ноҳияи Попи
вилояти Намангон.

Зикри хайр

БАРГИ УМРАШ РӮЙИ ХАЗОНРО ДИД

Хабари марги нобаҳангоми ҳамкорамон Мавутҷон Қурбоновро шунида, қалби аҳли ҷамоаи мо ба ларза омад. Мавутҷон ҳоло ҷавон буд. Ӯ мехост, ки шогирдони зиёдро ба камол расонад. Дар болои худ беист кор мекард, то ки хонандагони ӯ забони хориҷиро мукаммал азбар намуда, мутахассисоне гарданд, ки ба пешрафти ҷамъият хидмат мекунанд...

Воқеан, умри одамӣ мисли баргҳои дарахтони баҳор зебо мешудаасту чун фасли хазон омад, нопадид мегардидааст. Дар ноҳияи Сӯх қатори зиёиёни маориф номи шодравон Мавутҷон Қурбоновро бо эҳтироми хоса ба забон мегирифтанд. Ӯ ҳамкор, ҳамзабон, ҳаммаҳаллаи мо буд. Аҳли ҷамоаи мактаб ӯро ба сифати инсони фурӯтан, хоксор, меҳрубон ва муаллими сахтгир хуб мешинохтанд. Ба хурду калон бо эҳтиром муносибат дошт. Супориши маъмурияти мактабро бетаъхир, «хуб» мегуфту иҷро мекард. Маҳз ҳамин хислат – хушмуомилагиву содадилӣ ӯро маҳбуби мардум гардонда буд. Мавутҷон ҳеч гоҳ сухани нопок ба забон намеовард. Дили пок дошт ва ба тамоми мардум некӣ мекард. Аз ҳаёт ва китобҳо панду насиҳат меомӯхт ва онро бо муҳаббат ба дигарон мерасонд.

Мавутҷон Қурбонов 3 январи соли 1984 ба дунё омад. Дар мактаби миёна бо баҳоҳои хубу аъло хонд, дар корҳои ҷамоатӣ, маҳфилу шабнишиниҳои бадеӣ фаъолона иштирок мекард. Ӯ мактаби миёнаро бомуваффақият хатм намуд ва дар бизнес-мактаби Фарғона таҳсил гирифт. Пас аз даҳ соли фаъолияти педагогӣ дар гимназия, ба мактаби мо ҳамчун муаллими фанни забони англисӣ ба кор қабул гардид. Соли 2018 ба равияи таълими ибтидоӣ (ғоибона)-и Донишкадаи Қӯқанд пазируфта шуд. Пас аз хатми он боз фаъолияти муаллимиро давом дод. Дертар ба курси бозомӯзӣ ҳуҷҷат супорида, давоми як сол таҳсил карду дипломи олиро бо тахассуси омӯзгори забони англисӣ соҳиб гардид.

Ман дар дарсҳои М. Қурбонов бештар иштирок мекардам. Ӯ дар дарсҳои худ натанҳо забони англисӣ, балки аз фарҳанги ҳазорсолаи мардум ёдовар шуда, ба шогирдон дарси ахлоқ меомӯзонд. Мавутҷон фидоии таълим буду содиқона фаъолият мебурд. Фазилатҳои инсонии ҳалимӣ, накӯкориву андешамандӣ ҳамроҳи доимии ӯ буд.

Имрӯз ҳамкорон ва шогирдони Мавутҷон маслиҳатҳои ҳаётӣ, суханони пурмуҳаббат ва тарзи илмомӯзонии ӯро бо эҳтиром ёд мекунанд. М. Қурбонов дар мактаб муаллими фидоӣ буду дар оила падари меҳрубону ҷонсӯз. Марги ӯнин инсон натанҳо барои як оила ё як мактаб, балки барои тамоми ҷомеа як талафоти бузург буд.

Хушбахтҷон БОБЕКОВ,
омӯзгори синфи ибтидоии
мактаби рақами 11-уми
ноҳияи Сӯх.

ҲУНАРНАМОЙ БАЪДИ 40 СОЛ

Дар театри драмавии мусиқии ба номи Ҳамид Олимҷони шаҳри Самарқанд дар тӯли як ҳафта ҳунарпешагони театри драмавии академии ба номи Максим Горкий аз шаҳри Владивосток бо асарҳои гуногуни худ баромад карданд.

Боиси хушнудист, ки баромади дастаи ҳунарии номдори Владивосток дар Самарқанд баъди 40-сол ба вуқӯъ пайваст. Дар поёни намоиш ҷонишини ҳокими вилояти Самарқанд Рустам Қобилов ба санъаткорон миннатдорӣ изҳор карда гуфт, ки акнун ҳунарпешагони театри драмавии мусиқии Самарқанд низ ба кишвари Приморе сафари эҷодӣ хоҳанд кард.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,

САМАРҚАНД.

ИСТИРОҲАТИ ҶОЛИБ ДАР «ЗИЁ ЧАШМАЛАРИ»

Осоишгоҳи солимгардонии «Зиё чашмалари», ки дар шаҳри қадимаи Шаҳрисабз ҷойгир аст, солҳо боз дар рӯзҳои гарми тобистон ҳазорон кӯдаконро ба оғӯш мегирад. Баъд аз бозсозии солҳои 2018–2019, ин осоишгоҳ симои замонавӣ касб кард.

«Зиё чашмалари» 6,62 гектар масоҳат дорад, ки аз он 3,05 гектарашро боғҳо ташкил медиҳанд. Дар зери сояи дарахтони сарсабз 8 хобгоҳи бароҳат, ошхонаи муҷаҳҳази замонавӣ, майдончаҳои варзишӣ ва дигар биноҳои ёрирасон барои истифодаи кӯдакон омодаанд. Осоишгоҳ ҳар тобистон дар чор навбат 300 кӯдакро мизбонӣ мекунад.

Муваффақияти осоишгоҳ аз бисёр ҷиҳат ба ҷамоаи соҳибтаҷриба ва меҳрубони он вобаста аст. Тарбиятгарон, кормандони тиббӣ, мураббиёни варзиш ва дигар кормандон тамоми дониш ва таҷрибаи худро барои барқарорсозии саломатии ҳамаҷонибаи кӯдакон ва таъмини истироҳати хуб равона менамоянд. Дар ин ҷо мунтазам маҳфилҳо, дарсҳои маҳорат, бозиҳои варзишӣ ва чорабиниҳои шавқовар баргузор мешаванд. Ҳар рӯзи кӯдакон дар осоишгоҳ хотирмон мегузарад.

Суратгир: Ҷамшед НОРҚОБИЛОВ. ӮзА.

Истад ҚОСИМЗОДА

ҚИССАИ АСПТОЗ ВА АСПИ ТАНБАЛ

(Ҳикояи воқеӣ)

(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).

Рост хонаашон рафтем. Гуфтанд, ки навакак сари замини пахта бирафтанд. Худи раиси Қаҳрамон (Иброҳим Файзуллоев) чеғ зада бурдааст. Кадом маслиҳате доштаанд, аз афти гап!..

Мо ҳам он сӯ рафтем. Трактор ғӯзапояро кандаву «замини калон»-ро шудгор мекард. Одам бисёр. Ҳама ғӯзапоя мекашонданд. Бӯйи замини чапагардоншуда ба димоғ форам мерасид. Инро мо, аз кӯҳсори баланди Деҳбодом фуромада, зудтару хубтар эҳсос мекардем. Падару писар аз аспҳо фуромада будем, ки моро дида Пардапаҳлавон аз байни одамон гузашта, таги қатори дарахтони тут омад.

– Э-э, Киромбой! Биёед-биёед, – гуфт. Даст дода вохӯрданд. Ӯ ба аспи Танбал зери чашм нигарист.

– Аспи зебо!.. Муборак бошад! – гуфт.

– Худо муборак гардонад, – гуфт падарам. – Ба зебой-ку, зебо, палвон. Лекин... – давоми гапашро гуфта натавонист. Дили одаме, ки барфи пирӣ ба сараш боридааст, нозук мешудааст!..

– Лекин... чӣ? – гуфта сӯйи ман чашм дӯхт. – Тарсу аст, магар?

– Не-не! Асптозҳои деҳа «танбал» аст гӯён ба «қӯра» намедароянд, – гуфтам ман.

– Вай аз нав, бо диққат ба асп чашм дӯхт:

– Боз бо ҳавас аз худ карданӣ нашуда бошанд? – гуфт бо нимтабассум. Баъд наздик рафта, ларзомашро дошта, ёлу гардану пешонаи сафедашро хорумол карда, боз гуфт:

– Ҳеч гап не. Асп аз ин хубтар намешавад. Парво накунед. Бепарво ҳам нашавед. Илоҷи даванду нотарс шуданашро ҳам пайдо мекунем.

– Чӣ тавр? – чашми падарам калон кушода шуд.

– Инро ба шумо, Киромбой, фаҳмондан душвор. Ман ҳар гапе, ки бигӯям, шояд шумо розӣ нашавед...

Ҳарду базавқ хандиданд. Мо дар ҳайрат афтодем. Онҳо пеш аз ин ҳам бо якдигар ҳазл, шӯхӣ ва улфатӣ доштанд.

– Э не-е! Ман розӣ! – гуфт Киромбой, – бо гапи ана ҳамин писарам ба назди шумо омадем, баумед.

Устод Пардапаҳлавон сӯзу гудози шиноси деринаи худ Киромбойро ҳис карда буд. Охир, беҳуда «Моли муъмин, хуни муъмин» нагуфтаанд.

***

Ин асп аз Чоршанга ном тумани Туркманистон ба пули калон харида шуда будааст. Аммо дар Дараи Ниҳон чӣ гуна овозаю дарвоза шудааст, ки асп ба «танбалӣ» ном баровардааст. Ба ин кам одамон бовар мекарданд. Аммо ин асрорро Пардатағо медонистаанд: дар ақибу давоми кӯҳҳои Тиёншон қаторкӯҳҳои Қаротоғу Ҳисори Шодмон замонҳои пеш аз милод ҳам Парадиж ном маскангоҳ вуҷуд доштааст. Дар атрофи Панҷакенту Фалғар ҳанӯз ҳам будаанд. Ин калима дар «Луғати русӣ–тоҷикӣ» ба шакли Парадиз омада, маъноияш ҷаннат, биҳишт, фирдавс аст. Шикоргоҳи шоҳу вазирон будааст. Дар он «Парадижҳо» одатан шоҳону вазирони давр, рӯзҳои гарми тобистон дам гирифта, ба шикор мебаромадаанд. Хидматгоронашон махсус ба аспҳои онон нигоҳубин мекардаанд. Ба аспҳо аз дуртар шеру паланг, хирсу гургҳоро нишон медодаанд. Аспҳо аз бӯю хӯю дарачаи даву тоз ва бадгуҳарии онон огоҳ мешудаанд. Дар ҳуд зидди онҳо тасаввурот пайдо мекардаанд. Ва ҳангоми давидану бархӯрд кардан ба он аҳамият медодаанд, ки саворaҳояшонро чӣ гуна аз хатарҳо эмин нигаҳ доранд. Барои ин машқҳои алоҳида бо онҳо, маҳз дар ҳамон «парадижҳо» баргузор мешудаанд...

***

Пардапаҳлавон ба замини бепоёни нав шудгоршуда, ки лой надошту аз ғӯзапая навакак холӣ шуда буд, бодиққат наззора мекунад. Ва ба яке аз писарони худ даст шоф карда мегӯяд:

– Давида хона равед, бачем! Будулайро бо занҷир ва арғамчини дароз баста биёред!

– Хӯш, – мегӯяд ӯ ва аз ақибаш чанде аз писаракони «ошно»-и Будулай дав-давон рафта, саги калони сараш сабад барини чӯпониро дар як дам оварданд. Саги сиёҳи гарданало чию гӯсолаи якунимсола чӣ?!

Пардатағо ба чашмони ҳайратомези асп бо диққат чашм дӯхта, миёни сусткашидашудаашро зичтар карда баст. Панду андарзи «савор шудан ба аспи наозмуда осон не, лек фуромадан аз онро ҳам осон мадон»-ро ба ёд оварда, ҷаста савор шуд.

Асп безобита шуд. Бегонагии савори худро ҳис кард. Баланд шиҳа кашид ва чарағпоя шуд. Хост, мисли аспҳои «бадрашк» савораи худро аз дӯш дур андозад. Аммо зӯраш нарасид. Фишори дутарафаи зин ва таҳдид бо тозиёна ба вай имкон надод. Худро аз холигоҳи дарахтони сершохи тут ба майдони шудгоршуда бизад.

– Нӯги ресмону занҷири сагро ба ман диҳед! – садояш баланд шуд.

Доданд.

Гӯё дар аспрез бошанд, устод сари аспро ба пойин – ба равиши пойи трактори шудгоркунанда гардонда, тозиёнаро баланд бардошт. Лек аспро назад. Ресмону занҷири гардани сагро дароз монда, ба тадриҷ ба асп наздик овардан гирифт. Саг ҳам чун асп намефаҳмид, ки чӣ амале сурат мегирад. Аммо асп медид, ки як «бало»-и сип-сиёҳ аз ақиб дарафтодаю гоҳ-гоҳ шинғаз мезанад.

Асп ба ҷону ҳолаш нигоҳ накарда, то зону ва таги шикамаш ба хоки сернами замини мулоими собиқ пахтазор ғӯтида-ғӯтида ба пеш метохту метохт.

Хандаю ҳаяҷон ва ҳаёҳуи наврасони сари роҳ бо хандаи қаҳролуди калонсолон омезиш ёфта, як валвала ба вуҷуд оварда буд. Занону духтаракон аз ақиби девору лабғӯшаи ҳавлиҳо «чӣ гап?» гуфта менигаристанд.

Саг – Будулай аз тарси он ки асп бо пойҳои ақибаш шаттае нафурорад, пешу пас медавид. Гоҳе афтону хезон ба паҳлӯ, ба дум ва пойи асп наздик мешуд. Асп, ки чашми пурбину тезбин дорад, ҳамаи ин амалро дида, боз ҳам тезтар медавид. То ҷон дар рамақ дошт, ҳаракат мекард, ки зудтар аз хатсайри боқигузоштаи трактор ва майдони васеъ ба роҳи калон барояд. Куҷо? Асптоз мехост онҳоро бераҳмона дарунтари замин ҷой дода, баъдан сарбало ронда оварда, ба дасти соҳибонашон супорад.

Тамошобинон нафаҳмидаю сарфаҳм нарафта, ҳарчӣ гуфта, механдиданд. Ҷавонон завқ мебурданд. Пирон ба аспу саг раҳмашон омада, суворароро «бераҳм» гуфта, мазаммат менамуданд, сар меҷунбониданд. Ба аспу саг ин гуна «фишороварӣ» чӣ лозим?, мегуфтанд. Аз ҳама изтироби Киромбой сахт буд. Аз ҳаяҷон ҷисму ҷонаш меларзид.

Одаму аспу саг чунон дур рафта буданд, ки акнун ба чашми дигарон чун зоғҳои шабгун намудор мешуданд. Онҳо ба сари марзаи пойин расида, ҳамон тавр ҳам аз он ҷо пас гаштанд. Гиреву шинғаси сагу гупур-гупури аспи Танбалро дарунӣ шудгор шунидаву дида, мардуми тамошобин ба по рост мехестанд.

Вақте ки онҳо ба марра расиданд, аввал сагро бо ресмону занҷири гарданаш сар доданд. Вай аз тарси писаракони сагбоз, худро даруни киштзори ҷувории ҳамсояҳо гирифт, то ки санг нахӯрда, ба ҳавлии соҳибаш бирасад.

Паҳлавон аспи ба обу арақ ғӯтидаро аз майдони шудгор берун бароварда, назди Киромбой оварда. Фуромад. Ҷилави онро ба дасти писари ӯ супурд.

– Эҳ! Паҳлавон! Аспакамро нимкушта кардед! – гуфт падараш. – Саг ба ягон ҷояш дандон назад? – пурсид аз рӯйи ғамхорӣ.

– Не, не! Киромбой! – гуфта, чангу гарди сару либос биафшонд паҳлавон.

– Ба ин ҷонваракон ин қадар бераҳмӣ зоҳир кардед? – гуфт Киромбой.

– Ин бераҳмӣ не, ин машқ аст! Шумо ҳам одаму оламдидаед. Оё «парадиж» ном гапро шунидаед?

– Не, паҳлавон. Бори аввал мешунавам.

– Аз қадим дар байни мардуми худамон ҳам будааст. Дар Суғду атрофи он ҳам. Аспҳоро машқ медодаанд. Асп шеру паланг, гургу хирсро дида, набояд тарсад. Вақти зарурат, дар аснои шикор, шоҳону вазирон аз он истифода мекардаанд. Махсусан, дар замони ҳукмронии Баҳроми Чӯбинаву шоҳони Чағониён.

– Э, на Баҳромаш монаду на Чағонӣ! – гуфта, Киромбой ҷилави аспро аз дасти писараш гирифт.

– Устод, – Пардапаҳлавон дасти Киромбойи улфаташро гирифта фишурд ва гуфт:

– Ҳамааш хуб хоҳад шуд!

***

– Баъд натиҷа чӣ шуд? Инашро ҳам гӯед-дия! – хоҳиш намуд яке аз меҳмонҳо.

– Гуфтам-ку! Пардатағо ба Киромбой ва писарашон фаҳмонданд: гумони бад набаред. Шумо одамҷон шавед. Аспатон беҳтарин асп. Ана мебинед. Фардо – рӯзи якшанбе, Низомиддинхон дар Сангардак бузкашӣ доранд. Хабар доданд, ки аз Тоҷикистону Туркманистон аспу асптозони машҳур меомадаанд. Мукофоти асосӣ панҷ милён сӯм будааст. Шумо ҳам, аспро ҷав дода, тайёрӣ бинед. Инро ҳам ба ҳисоб гиред: «Танбал»-ро ҳар кас ҳам, ки он ҷо битозонад, илшооллоҳ ноумед намешавад. Аз ёд набароред, ба асптоз бигӯед: баъди зери зин гирифтани «буз», натарсида, ҷилави аспро сар диҳад. Ин аспи Танбалатон «буз»-ро ҳамон Будулай гумон карда, ҳамчунон медавад, ки ягон асп ба вай расида наметавонад.

– Э, афсонаро як сӯ монед-е, – гуфт Киромбой ларзида.

Вай ҳанӯз ҳам аз ҳаяҷони ботинӣ ба худ наомада буд. Дастори титшудаашро бо қаҳр ба паллаи хӯрҷини холӣ партофта, худро сари зини Танбалаш гирифт.

– Натиҷа чӣ шуд, натиҷа? – чанд ҷавон ин суолро ба забон оварданд.

– Ба ростӣ, баъд чӣ шуд, ман хабар надорам, – гуфт Раҳматуллопалвон, – ҳамон субҳ ба қатора нишаста, Тирмиз рафта будам. Кор доштам. Дар бузкашии Низомиддинхон рафта натавонистам. Ана худи акои Шерзод гап бизананд, – хандида лаб фурӯ баст ӯ.

(Давом дорад).

СУХАНОНИ ҲИКМАТОМЕЗИ БУЗУРГОН

Кам донистану бисёр ҳарф задан, мисли он аст, ки дорoиятон кам асту зиёд харҷ мекунед.

Наполеон БОНОПАРТ.

Мардум ғолибан аз набудани вақт шикоят мекунанд, дар ҳоле ки адами ҳадаф мушкили воқеӣ мебошад.

Заг ЗИГЛАР.

Ҳақиқат аз нафаре, ки онро эътироф наменамояд, заррае осеб намебинад.

Фридрих ШИЛЛЕР.

Хирадманд на онест, ки бисёр медонад, балки ҳамонест, ки заруратҳояшро медонад.

ЭСХИЛ.

Дӯзахи хирадмандон беҳтар аз биҳишти аҳмақҳост.

Виктор ҲЮГО.

Аҳмақ дар он ақида аст, ки бар ҷуз ӯ ҳама аблаҳанд.

Рюноске АКУТАГАВА.

Дар дунё лаззате беҳтар аз лаззати мутолиа вуҷуд надорад.

Лев ТОЛСТОЙ.

Оне, ки бо шарофату садоқат зиндагӣ мекунанд, биме аз марг надорад.

Чарлз ДИККЕНС.

Дороии ягонае, ки мо аз рӯзгори заминӣ бо худ мебарем, чизест, ки ба дигарон додаем.

Карен БЛИКСЕН.

Одамон ба китобҳо хеле монанданд. Бархе агар бо муқоваашон моро фиреб диҳанд, чанде бо мазмуну муҳтавояшон моро ба ҳайрат мегузоранд.

Лоре ПЕМБЕРТОН.

Онҳое, ки дар одамон бадиро мечӯянд, онро ҳатман хоҳанд ёфт.

Авраам ЛИНКОЛН.

Нахустин нишонаи фасоди ҷамъият аз байн рафтани ҳақиқат аст.

Мишел МОНТЕН.

Зиндагӣ вақте маънӣ дорад, ки дар абадият идома ёбад.

Ф. ДОСТОЕВСКИЙ.

Мо на аз марг, балки бояд аз зиндагии пучу холӣ битарсем.

Бартолд БРЕХТ.

Онҳое, ки фикру андешаҳояшонро дигар кардан намехоҳанд, на ҳақиқат, балки бештар худашонро дӯст медоранд.

Ҷозеф ҶУБЕР.

Ту мепурсӣ, ки дар тӯли умр ба чӣ ноил гардидам? Ман бо худ дӯст шудам.

СЕНЕКА.

Тарҷума ва таҳияи
А. СУБҲОН.

СОЛҲОЕ, КИ «НАВИСАНДА» БУДАМ

Он солҳо мактаббачагон ба мутолиаи асарҳои бадеӣ рағбати зиёд доштанд – як пойи мо, толибони илм, дар китобхонаи мактаб. Деҳа низ китобхонаи «бой» дошт, дар баробари калон-солон хонандагони синни миёнаву калони мактабӣ узви фаъоли он ба шумор мерафтанд. Мағозаи калони китоб дар Сари Бароз (маркази ноҳия), ки аз биноҳои муҳташами онвақта ба назар метофт, ҳамеша серодам буд. Зуд-зуд китобҳои нав меомад ва харидор меёфт.

Дӯстдорони адабиёт, хусусан, ба китобҳое, ки аз Тоҷикистон меомаданд, таваҷҷуҳ менигаронданд. Ба даст гирифтани маҷмӯаи нави шеър ва қиссаву ҳикоёти адибони тоҷик ба ҳамсолони мо ачаб завқ мебахшид. Бачаҳое, ки ба эҷоди шеъру ҳикоя ҳавас доранд, баъди гузаронидан аз назари омӯзгорон машқҳои худро ба «Пионери Тоҷикистон» ва «Машъал» мефиристоданд. Чоп шудани ягон материали навқалами сӯхӣ дар тамоми ноҳия овоза мешуд.

Аввалин шеърҳои шогирдонаи ман солҳои донишҷӯиям дар Донишгоҳи Хуҷанд баъди гузаштан аз назари Раҳим Ҷалил ва Озод Аминзода дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» ба табъ расидаанд. Сонитар дар «Адабиёт ва санъат» (бо дастгирии Низом Қосим) рӯйи чоп диданд.

Вале ман мехостам «нависанда» шавам. Он солҳо хонанда асосан ба наср иштиёқ дошт, ҳикоя пурхонандатарин жанр ба шумор мерафт. Вале рӯзномаву маҷаллаҳо асосан шеър чоп мекарданд. Ҳикоям кам ба табъ мерасид.

Мегуфтанд «душвортарин» жанр ҳикоя аст. Нависанда бояд дар чанд лаҳза ҳаёти қаҳрамон як воқеаи муҳимми зиндагиро зебову шево ба қалам диҳад. Ин жанр аз нависанда маҳорату ҳунари ба худ хос металабад!

Дар миёнаи солҳои ҳаштодум чанд машқи «ҳикоямонанд»-ам дар «Ҳақиқати Ӯзбекистон» ба табъ расид. Барои бачаҳо низ менавиштам. Мехостам қаламиҳоям дар нашрҳои Тоҷикистон «эълон карда шаванд». Ниҳоят, ба «Пионери Тоҷикистон» таҳти сарлавҳаи «Фарзон» ҳикоя фиристодам. Он дар ду шумораи ин рӯзномаи аз кӯдакӣ ба чашмам азиз чоп шуд. Хурсандиамро интиҳо набуд.

Бо ҳикоя, ки «Армони ҳамдардҳо» унвон дошт, ба Душанбе рафтам, ба идораи «Садои Шарқ». Ба назди нависанда Юсуф Акобиров, ки он вақт котиби масъул буд, даромадам. Бо чеҳраи кушод қабул кард. Хусни хататон хуб, гуфт ба варақҳое, ки дароз кардам, чашм давонда. «Хонда мебароям. Баъди ду рӯз хабар гирифта метавонед?»

Баъди ду рӯз ба дараш панҷа задам. Дароед, гуфт ва аз паҳлӯяш ҷоӣ нишон дод. Дастнависи бо ранги сурх таҳрирёфта рӯйи миз мехобид. Он нақли хаттии бачаи «миёнахон»-ро ба хотир меовард, ки ноилоҷ «се» мондан мумкин. Ҳол он ки ман муаллими забон ва адабиёт будам.

Нависанда ҳолати маро пай бурд ва баҳри таскини дилам баъзе чиҳатҳои хуби «ҳикоя»-ро зикр кард. Баъд ба эрод гузашт: «Ин қадар гуфтугӯи телефонӣ зиёд? Диалогҳо тӯл кашидаанд – ин хонандаро зиқ мекунад. Ду бечора ба ҳам дарди дил мегӯянд, шумо навиштаед – суҳбат оростанд! «Худо хоҳад» гуфтааст як қаҳрамони шумо, ки зани рус аст. Русҳо ҳам «Худо хоҳад» мегӯянд?

Зери обу арақ мондаам. Чӣ гуфтанамро намедонам. Акобиров гуфт: «Ба хотире, ки аз роҳи дур омадаед, ба чопаш кӯмак мекунам. Рӯйбардор карда, ба «Ҷавononи Тоҷикистон» баред, ба назди Иззатулло Ҳусайнӣ. Ба вай телефон кардам...»

Дилам саҳл ба ҷояш афтид. «Наход чоп мешавад?»

Дар рӯйи хараке ҳикояро рӯйбардор намуда, ба ҷои таъиншуда рафтам, вале Иззатулло Ҳусайнӣ бинобар беморӣ ба кор наомада будааст. Ба Сӯх баргаштам. Чашмам ҳамон ба ҳикояи сахт таҳрирхӯрда, ки ба ҳар ҷо-ҳар ҷояш бо ранги сурх «нақли хушк!» навишта шуда буд. То дар болои навиштаҳои худ аз нав кор карда, боз ба Душанбе, ба идораи рӯзнома бурдам, хеле вақт гузашт. Дар ин байн Иззатулло Ҳусайнӣ қазо кард. «Армони ҳамдардон» бо дастгирии масъулони дигар дар «Ҷавononи Тоҷикистон» чоп гардид.

Баъдтар «Маънии нигоҳ» ном ҳикояе навишта, ба Зулфия Атоуллоева (Атоӣ), ки нав ҷонишини сармуҳаррири «Газетаи муаллимон» («Маориф ва маданият»-и пештара) таъин шуда буд, фиристодам. Баъди ягон бист рӯз худам ба Душанбе рафтам. Суҳбатамон бо Зулфия хеле тӯл кашид. Як ҷои сужет такрор, гуфт вай, воқеаи ба ҳамин монандро дар ҳикояи як адиби рус хондаам. Хабар надоштам, гуфтам ман. Диламро бардошт: «Шуданаш мумкин. Лекин ман сирро намебарорам. Ҳикоя чоп мешавад».

Ҳикоя чоп шуд. Ба хаёлам ҳама омӯзгорони Сӯх онро хонданд. Таъриф карданд. Баъде «Газетаи муаллимон» ба ҳафтавори «Омӯзгор» табдил ёфт, боз як ҳикоя фиристодам. Бо дастгирии Бобо Насриддинов (равонаш шод бод) ҳикояи ҳаҷман калони ман дар ду саҳифа эълон гашт.

Сафари навбатиам ба Душанбе ба рӯзҳои чорабинии адабии байналхалқие мувофиқ афтод. Дар идораи «Ҷавononи Тоҷикистон» масъули саҳифаи адабиёт Хайринисо Расулӣ гуфт, ки ҳикояатон ба ҷашнвора созгор. Ва он бо унвони «Фотиҳа» таҳти эмблемаи «Ҷашнвораи адибони ҷавони Осиёи Миёна, Қазоқистон ва Озарбойҷон» ба нашр расид.

Дафъаи дигар бо ду ҳикояи бачагона ба Душанбе рафтам. Дар идораи «Анбоз» нависанда Насимҷон Раҷабов яке аз ҳикояҳоро, ки «Ҷӯраҳо» ном дошт, бо диққат хонда баромад. Хуб аст, вале такмил диҳем, боз хубтар мешавад, гуфт вай. Сонӣ қалам ба даст гирифт, дар ҳошияи чанд сархат ишораҳо гузошт ва илова намуд: «Дар ана ҳамин ҷойҳо воқеаҳоро пурратар тасвир кунед». Пурсидам: «Дароз шуда намеравад?» Гуфт: «Зарар надорад. Саросема нашуда, иловаҳо дарореда. Воқеаҳои хурд якдигарро пурра кунанд».

Аз «Анбоз» ба идораи «Машъал» гузаштам. Ҳикояи дувумро ба Солеҳ Юсуф супурдам. Чашм давонд ва гуфт «Бад нест». Баъди чанд моҳ он ҳикоя («Гӯшти кабк») дар «Машъал» ба табъ расид.

«Ҷӯраҳо», ки баъди бозгашт ба Сӯх дар болояш боз кор кардам ва иловаҳо даровардам, ҳаҷман ду баробар калон шуд. Ба Н.Раҷабов фиристодам. Чоп шуд – саҳифаи чаҳоруми се шумораи «Анбоз»-ро банд кард.

«Сенздаҳсола будам» ном ҳикояаамро ҳамдеҳаам Марямбону ба дӯсти ҳамкаламаш Азимхон Ниёз супурд. Ҳикоя дар маҷаллаи «Ҳаёти деҳот» рӯйи чоп дид.

Дастгириҳо рӯҳ мебахшиданд. Душанбе чун оҳанрабо ба худ мекашид...

Тасодуфан ба устоди худ Абдухолиқ Набиев, ки дар донишкадаи Хуҷанд дарс дода ва феълан дар Институти забон ва адабиёти АУ фаъолият мебурд, дучор омадам. Гуфт: «Шеър менавиштӣ-ку ту? Ба ҳикоя гузаштӣ?»

Ин бор бо панҷ ҳикоя ба идораи «Садои Шарқ», ба назди Саттор Турсун, ки ҷонишини сармуҳаррир таъин шуда буд, даромадам. Хеле суҳбат кардем. Табассумомез гуфт: «Ба як худам вазнинӣ мекунад. Ба ҳашар даъват мекунам». Ҷонибек Акобиров, Баҳманёр ва Муҳаммадраҳими Сайдарро ба кабинеташ хонд. Яктоӣ ба онҳо дод, ду ҳикояро худаш гирифт. «Хонда мебароем. Баъди се рӯз ҳамин ҷо ҷамъ мешавем».

Баъди се рӯз боз ҷамъ шудем. Саттор Турсун суоломез ба онҳое, ки машқҳои маро хонда баромадаанд, рӯй оварда ва вақте гуфтанд «мешавад», мамнун лабханд кард: «Ба ман ҳам маъқул. Як ҳикояро ба «Садои Шарқ» гирифта монда, боқимондаро ба газетаҳо тақсим мекунем. Баҳманёр, шумо ба Тошканд, ба Ҷонибек Қувноқ мактуб нависед...»

Ман дар замин не, дар осмони ҳафтум будам.

Ба кабинети Баҳманёр даромадем. Вай ба Ҷонибек Қувноқ нома навишт, қайд кард «қобилияти хуби сюжетофарӣ дорад...»

Аз Душанбе рост ба Тошканд омадам. Номаро ба устод Ҷонибек супурдам. Хонд, мамнун дастамро фишурд, барорҳои тоза хост. Раҳматӣ, бе ин ҳам дастгирӣ менамуд. Акнун бо дили боз гармтар ба навиштаҳои ман эътибор менигаронд, онҳоро ба ӯзбекӣ тарҷума ҳам мекард.

Баъзе ҳикоя ва қиссаҳои дар «Ҳақиқати Ӯзбекистон» чопшудаи ман бо саъйи нависанда Иноят Насриддин (оромгоҳаш пури нур бод) аз тариқи радиои Тоҷикистон шунавонда мешуд. Сӯхие, ки онро шунид, зуд ба ман сим мезад, муборакбод месохт.

Баъди пош хӯрдани иттифоқ ва ба истиқлол даст ёфтани собиқ ҷумҳуриҳои бародарӣ равуо ба Тоҷикистон душвор гашт. Кас аз рӯйдодҳои адабӣ дар давлати ҳамсоя низ бехабар мемонд.

Тақдир маро ба Тошканд пайваст – чанд сол дар шуъбаи тоҷикии радиои Ӯзбекистон ва радиои байналмилалии Тошканд фаъолият бурдам. Баъд ба рӯзномаи «Овози тоҷик» гузаштам. Қариб ба ҳама рӯзнома ва маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ, ҳамчунин телевизиони давлатӣ ҳамкорӣ намудам. Аз ҷумла, дар ҳафтаномаи адабии «Ӯзбекистон адабиёти ва санъати», моҳномаи «Ёшлик» ва маҷаллаи «Шарқ юлдузи» ҳикояҳоям ба табъ расиданд. Ба повест ва роман гузаштам. Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон чанд бор бо мукофот рағбатнок сохт.

Ziyo.uz ҳикояҳои маро дар саҳифоташ ҷо медиҳад. Дар Антологияи онлайнии насри ӯзбек номнавис шудаам. Аз ҳамаи ин ҳисси фахр дар қалби банда рӯ мезанад, албатта. Вале ман ҳанӯз худро нависанда намешуморам. Нависанда шудан – орзуи ман.

Мегӯянд, орзу дар ҷавонӣ айб нест. Дар калонсолӣ-чӣ? Дар ҳама синну сол одам бо орзу ва ниятҳои нек зиндагӣ намекунад?

Нависанда шудан – орзуи ман. Лекин агар хайрхоҳонам, ки маро «бардоштан мехоҳанд» – бигӯянд, ки ту нависанда, ман мегӯям «нимаи дувуми солҳои ҳаштодум нависанда будам» – ҳамон солҳое, ки нашрияҳои Тоҷикистон ҳикояҳои маро чоп мекарданд.

Он солҳо дар рӯзномаву маҷаллаҳои Тоҷикистон ҳикоя чоп кунондан кори ҳар кас набуд. Нависандаи ҷавон дар гудози муҳокимаҳо обутоб меёфт, навиштаҳояш аз халлоҷӣ мегузашт...

Ман аз аҳли адаби диёри ҳамсоя, ки номашон дар боло зикр гашт, ҳамчунин аз нависандаву рӯзноманигорони тоҷик Баҳром Фирӯз, Меҳмон Бахтӣ, Абдулҳамид Самад, Кароматуллоҳи Мирзо, Додоҷон Раҷабӣ, Нафасбек Раҳмон, Азизи Азиз, Шарифи Ҳамдампур, Равшани Ёрмуҳаммад, Мирзомаҳмуд Мирбобоев ва дигарон, ки ба навиштаҳоям эътибор нигаронда, маслиҳатҳои беғаразонаашонро дареғ надоштаанд, як умр миннатдорам. Дар назди хотираи онҳое, ки раҳматӣ шудаанд, сари таъзим фуруд меорам.

Орзуи ман – нависанда шудан. Дар даврае, ки муносибатҳо барқарор гаштаанд, боз ҳикояе бардошта ба Душанбе рафтан. Аз сабаққои устодон, аз санъати одамияте, ки адибони тоҷик намоиш медиҳанд, баҳраманд гардидан.

Муҳаммадҷон ШОДИЕВ.

Гиромидошти омӯзгор

МУАЛЛИМ – ЧАРОҒИ ДОНИШАФРӮЗ



Гуфтаанду мегӯянд, ки омӯзгор табиби ақлӣ инсон аст. Омӯзгор ақлҳоро пурра, чашми дилро пурнур, оинаи хирадро равшан, роҳи пуршебу фарози зиндагиро равон, забони лолро гӯё месозад. Омӯзгор шабу рӯз меомӯзад, роҳу усулҳои ба шогирдон тарбияву таълими дуруст доданро меандешад. Бо талошу заҳмати зиёд кӯдакро саводноку хушодоб менамояд. Ва ҷавонони ояндасози кишварро ба воя мерасонад.

Дар Ӯзбекистон ба омӯзгорон таваҷҷуҳи махсус равона гардида, барои фаъолияти судманди онҳо дар ҷомеа шароитҳои зарурӣ ва имкониятҳои васеъ омода карда шудааст. Омӯзгоронро зарур аст то омӯзанд, маҳорати педагогии худро сайқал диҳанд, дар таълиму тарбияи наврасон саҳми арзанда дошта бошанд. Чунин омӯзгорон рағбатнок гардонида мешаванд, ҳаёти моддӣ ва иҷтимоии онҳо беҳтар мегардад. Мавқеъ ва манзалати онҳо дар ҷамъият меафзояд.

Бо фармоиши вазири таълими томактабӣ ва мактабӣ 1000 нафар ғолибон ба гирифтани рағбат ноил гардиданд. Барои ғолибият довталабон ду марҳилаи санҷишро мегузаранд: аввал тест месупоранд. Онҳое, ки холҳои заруриро ба даст овардаанд, бо онҳо сӯҳбат гузаронида мешавад.

Омӯзгори тоифаи олии мактаби таълими ҳамагонии рақами 30-юми ноҳияи Нурато Ҳилоли Элмурод бо қайди натиҷаи матлуб (90 хол) аз фанни забон ва адабиёти тоҷик сазовори дарёфти мукофот ба миқдори тақрибан моҳе 6 500 000 сӯм ба муддати нӯҳ моҳ аз ҳисоби Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ гардид. Албатта, ин рағбатнокгардонии меҳнати пурмашаққати Ҳилоли Элмурод мебошад. Мешавад, ки дигарон низ ӯро пайравӣ кунанд.

Дар рушди соҳаи маориф шахсияту сулолаҳое кам нестанд, ки ба таълиму тарбия ва маълумотнок гаштани ҷавонон ҳамчун омӯзгор ҳиссаи босазо гузоштаанд. Дар ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ оилаи Рӯзиевҳо аз чунин сулолаҳо ба шумор мераванд.

Воқеан, Ҳилол давомдиҳандаи сулолаи омӯзгорон аст. Ба ин анъана бобояш Ӯзбекбойи Рӯзӣ асос гузоштаанд. Ӯзбекбойи Рӯзӣ устоди устодони деҳоти Эҷ буданд. Ин марди шариф хеле ҳалим ва нисбати шогирдон хеле сахтгир буданд. Маҳз айёми роҳбарии устод мактаби рақами 43-юми ноҳия ба мактаби шӯҳратёри минтақа табдил ёфт. Майли хонандагон ба таълим афзуд. Он солҳо аҳолии деҳот китоб, рӯзномаву маҷалла мехонд. Тақрибан ба ҳар як хонадон рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» («Овози тоҷик») меомад...

Пешаи падарро писаронашон Рӯзимурод, Элмурод ва духтарашон Саодат интихоб намудаанд. Ҳар яке дар пешаи худ пешқадам гардид. Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон Рӯзимурод Рӯзиев имрӯз дар иҳотаи набераҳо ҳаловати бознишастагӣ дорад. Писараш низ касби падарро интихоб намуда, хеле фаъол аст, дар ҷавонӣ дорандаи нишони саринагии Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон гардид. Чанд сол аст, ки ӯ роҳбарии яке аз коллеҷҳои касбу ҳунари ноҳияи Гулистони вилояти Сирдарёро ба ӯҳда дорад.

Элмуроди Рӯзӣ низ яке аз омӯзгорони фаъол мебошад. Ӯ аъзои ҳайати доварони озмунҳои ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳурӣ аз забон ва адабиёти тоҷик мебошад. Омӯзгори эҷодкор. Мақолаҳояш пайваста дар саҳифаҳои матбуот чоп мешавад. Фаъолияти пурсамараш буд, ки ба гирифтани нишони саринагии Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон мушарраф гардидааст.

Ҳилоли Элмурод дар ҳамин муҳит обутоб ёфта, пешаи омӯзгориро интихоб намуд. Пайваста мехонад, дониш ва маҳорати омӯзгориро такмил медиҳад. Ба ин китобхонаи бой, ки аз бобову амакон ва падараш ба мерос мондааст, ба ӯ имконият фароҳам меоварад.

Хоҳараш Хосияти Элмурод низ факултаи таълими томактабии Донишкадаи Ӯзбекистон – Финландияро хатм намуд. Ӯ дар озмуни ҷумҳурӣ аз забон ва адабиёти тоҷик ғолиб омадааст. Шоистаи зикр аст, ки шогирдони Ҳилоли Элмурод пайваста дар озмунҳои ноҳиявию вилоятӣ ва ҷумҳурӣ иштирок мекунанд. Соли равон Ҳулкар Расулова дар зинаи ҷумҳуриявии озмун аз забон ва адабиёти тоҷик иштирок намуда, мисли устодаш ба гирифтани «Сипоснома»-и сафорати Тоҷикистон дар Ӯзбекистон сазовор гардид.

Ҳилолро бо ин мукофот табрик мегӯем ва боварӣ дорем ин ҷоиза рағбате барои дастовардҳои бештару беҳтар хоҳад буд.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти НАВОӢ.

Андешаҳо

ДУНЁИ АЧИБ

Дар ҳаёт ба ҳар гуна одамон рӯ ба рӯ мешавед. Табиист, ки онҳо аз якдигар бо хислату рафтору кирдори худ фарқ мекунанд. Аз суҳбат ва муомила бо яке шод мегардеду бо дигаре дар гирдоби ғам фурӯ меравед. Чӣ илоҷ? Ҳаёт ҳамин хел аст. Камина аз рӯйи одат рӯзномаву маҷаллаҳоро ба мухлисони он аз деҳаи Навобод мерасонам. Ба қарибӣ маҷаллаи «Дурдонаи Шарқ»-ро аз Самарқанд фиристоданд. Онро бояд ҷонибдорӣ, яъне харидорӣ кунем. Ба хусус омӯзгорон дар ин бобат, ки диплом доранду маънавияти баланд, бояд намуна бошанд. Аз ин рӯ бо дили пур ба омӯзгори таҷрибадоре занг задам:

– «Дурдонаи Шарқ» омадааст. Чӣ кор мекунем, ҷӯра? Харидорӣ намекунӣ?

– Агар дигарон нагиранд, ман мегирам. Аздусар намехонам, – гӯён посух дод ӯ.

Чӣ ҳам мегуфтам. Дунёи ачиб...

Шукри Худо, ки дигарон гирифтанду ба ӯ намонд. Қарибии шом дар маркази деҳа аксарият ҷамъ мешаванд. Онҳо соҳибони касбу кори гуногунанд. Муаллимон бештар. Дар назди дукон суҳбат дорем. Чанд дона «Дурдонаи Шарқ» даст ба даст мегардад. Мегиранд, тамошо мекунанд ва боз мегардонанд. Ачибаш он ки бархе, аз ҷумла омӯзгорон, шавқе зоҳир намекунанд. Баръакс, нигоҳашонро мегурезонанд. Оре, мо ба ҳамин дараҷа расидаем!? Хоҳед-нахоҳед дилатон вайрон мешаваду оҳи бадард аз дили дарднок мекашед. Чӣ илоҷ? Осмон баланду замин сахт. Боз бо ҳайрат мегӯед: дунёи ачиб...

Бо нафаре, ки доро буда, зиндагиаш аз дигарон хеле беҳтар аст, суҳбат доштам. Одати худро тарк накардам, накардам... Дар рафти суҳбат чанд рӯзномаву маҷалларо ном гирифтам ва обуна, ё харидорӣ карданашро таклиф намудам. Вале «тарбуз аз бағалам афтид». Оҳиста аз наздаш дур шудам: дунёи ачиб...

Хушбахтона, бо якчанд занону модарон бобати хондани рӯзномаву маҷалла низ суҳбате доштам. Бисёр шод гаштанду худи ҳамон лаҳза харидорӣ намуданд. Ин лаҳза, гӯё лотерея бурд карда бошам, аз шодӣ дар худ намегунҷидам.

Ҳар субҳ бо чандин куҳансолон, ки дар нафақаанду гашти пирӣ меронанд, вомехӯрам ва чанд лаҳза мулоқот мекунам. Чун анъана суҳбат дар бораи хондани рӯзномаву маҷалла ва китоб меравад. Рафтору гуфтору кирдорашон ҳама ибратпазир аст. Бисёртар аз кай ва чӣ хел дастрас кардани рӯзномаву маҷаллаҳо пурсон мешаванд. Бе далолат, бо ихтиёри худ аз рӯзномаву маҷаллаҳо харидорӣ мекунанд. Аз ин рафтори онҳо шод мегардеду: – Зинда бошед, пирон – мегӯед.

Оре, таъбири «пир ҳаст тадбир ҳаст» беҳуда нест. Бо чунин пирони барнодилу равшанфикр ва занону модарони рӯзномаву маҷалла ва китобхон чӣ қадар ифтихор кунем, месазад.

Сулаймон СОДИҚ,
омӯзгори мактаби рақами 9-уми ноҳияи Бӯкаи вилояти Тошканд.

Имрӯзҳо ба рушди соҳаи санъати тасвирӣ ва дастгирии соҳибистеъдодон рӯ оварда истодаанд. Рассомон, ҳайкалтарошон ва устоҳои ҳунари мардумӣ, ки дар равияҳои гуногун эҷод мекунанд, тавассути асарҳои худ ба санъати мо мазмун ва шакли нав мебахшанд.

РУШДИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ БА НАҚША ГИРИФТА ШУД

Аз ҷумла, дар вилояти Сурхондарё ба рушди равияҳои санъати тасвирӣ ва амалӣ аҳамияти хосса дода мешавад.

Бо ҳамин мақсад ҳокими вилоят Улуғбек Қосимов ва раиси Фарҳангистони бадеии Ӯзбекистон Акмал Нуриддинов доир ба корҳои дар соҳа анҷомёфта, мушкилоти мавҷуда ва роҳҳои ҳалли он мулоқот оростанд. Аз ҷумла, масъалаҳои дастгирии эҷодкорон, фароҳам овардани шароити муносиби корӣ барои онҳо ва таъсиси устохонаҳои махсус барои аъзои академияи бадеӣ муҳокима гардид.

Ҳамчунин барои боз ҳам рушд додан ва такмил бахшидани санъати тасвирӣ ва амалӣ дар вилоят «харитаи роҳ» таҳия ва имзо карда шуд. Дар анҷоми мулоқот баргузор намудани намоишгоҳҳои эҷодкорони воҳа дар кишварҳои аврупоӣ, ҳар баҳор дар ноҳияи Бойсун баргузор намудани фестивали байналмилалии рассомон, инчунин бунёди бинои хобгоҳ барои 60 нафар хонандагони мактаби махсусгардонидашудаи санъат ба номи Рӯзӣ Чориев ба нақша гирифта шуд.

Сурайё НОРМАНӢ,
вилояти СУРХОНДАРЁ.

ОЛИМПИАДАИ НАВБАТӢ – ДАР САМАРҚАНД

Хабарнигори «Овози тоҷик» бо ҷонишини раиси Федератсияи шоҳмоти вилояти Самарқанд, гроссмейстери байналхалқӣ Тоҳир Воҳидов ба муносибати Рӯзи ҷаҳонии шоҳмот – 20-уми июл суҳбат орост, ки он ҳаволаи хонандагони рӯзнома мегардад.

– Тоҳир Абдуқаҳҳорович, чӣ сабаб шуд, ки шумо ба шоҳмот дил бастед?

– Агар гӯям, ки гузари Гӯри Мири Самарқанд макони шатранҷбозон буду ҳаст, муболиға намешавад. Ман ҳанӯз замоне, ки дар синфҳои ибтидоӣ мехондам, ҳангоми бозгашт аз мактаб медидам, ки шахсони синну солашон гуногун дар чойхонаи сари роҳ саргарми муҳорибаҳои шадиди рӯйи тахтаи шоҳмот буданд. Беихтиёр бозиҳои онҳоро тамошо мекардам ва оҳиста-оҳиста ба ин намуди варзиш дил бастам. Аввалин устодам раҳматӣ Шаҳоб Ҳамроқулов буданд, ки ногаҳон вафот карданд. Бо гузашти айём аввал дар Самарқанд ва баъдан дар мамлакат шоҳсуфаҳои баланд насибам шуданд. Соли 2009 соҳиби унвони гроссмейстери байналхалқӣ шудаму ба қариб сад кишвари ҷаҳон сафар карда, бо шоҳмотбозон, аз ҷумла собиқ чемпионҳои ҷаҳон қувваозмоӣ намудам. Ҳоло шогирдони бисёр дорам, ки дар олимпиадаи умумиҷаҳонии 46-уми шоҳмот ширкат меварзанд.

– Мухлисони рӯзномаи «Овози тоҷик» хабардор ҳастанд, ки писари шумо – Ҷаҳонгир Воҳидов низ чемпиони бозиҳои олимпӣ аст...

– Ташаккур, барои эътибор. Воқеан ӯ дар сафи дастаи мунтахаби кишвар дар бозиҳои навбатии олимпӣ низ шарафи Ӯзбекистонро ҳимоя мекунад.

– Боз киҳо аз Самарқанд дар ин бозиҳои бонуфуз иштирок мекунанд?

– Шатранҷбози рақами якуми Ӯзбекистон Нодирбек Абдусатторов, дӯсти вай Ҷавоҳир Синдиров, чемпиони ҷаҳон дар байни бонувон Афрӯза Ҳамдамова, дугонаҳояш Гулдона Каримова, Марҷона Маликова ва дигарон, ки аъзои дастаи яккачини Ӯзбекистон мебошанд.

– Ҷалолиддини Балхӣ фармудааст: Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд, ҳеҷ оҳан ханҷари тезе нашуд...

– Дар Самарқанд қариб сӣ нафар муррабиён ба насли наврас асрори шатранҷбозиро омӯзонида, кӯшиш мекунанд, ки дар оянда аз Самарқанд бештар бозигарони боистеъдод ба камол расанд.

– Ба фикри шумо, наврасон бояд аз чандсолагӣ бо шоҳмот машғул шаванд?

– Аз таҷрибаи ҷаҳонӣ маълум аст, ки синни 5-6 айни муддаост. Чемпионати ҷаҳон аз 7 солагӣ оғоз гардида, чанд нафар вакилони самарқандӣ аз шоҳсуфаи баланд ҷоӣ гирифтаанд.

– Барои ривоҷу равнақи шатранҷ дар Самарқанд чӣ гуна тадбирҳои судманд амалӣ мешаванд?

– Ин саволи хеле ҷолиби диққат. Воқеан чанде пеш иҷрокунандаи вазифаи ҳокими вилояти Самарқанд Адиз Бобоев бо мо, масъулони мактабҳои шоҳмот вохӯрӣ гузаронида, барои ҳаллу фасли муаммоҳои мавҷуда қарори судманд қабул кард. Аз ҷумла маълум аст, ки федератсияи шоҳмоти вилоят бино надошт. Бо даҳолати роҳбари вилоят, хушбахтона, ин муаммо ҳалли худро ёфт.

Адиз Музаффарович дар навбати худ ба дӯши мо – роҳбарони федератсия вазифаҳои таъхирнопазир гузошт, то ки дар асоси қарори саркори давлатамон бобати дар сатҳи баланд гузаронидани Олимпиадаи 46-уми ҷаҳонии шоҳмот дар Самарқанд аз тамоми имкониятҳо пурсамар истифода бубарем. Мақсад, албатта дар ин мусобиқа боз пирӯз шудан аст.

Дар омади гап бояд гӯям, ки дар ҷамъомади васеи Федератсияи шоҳмоти вилоят Адиз Бобоев якдилона раиси федератсияи мо интихоб шуд, ки бешубҳа, ба пешрафт ва ривоҷу равнақи шоҳмот дар Самарқанд мусоидат хоҳад кард.

– Тоҳир Абдуқаҳҳорович, ба шумо комёбиҳои нав ба нав таманно дорем.

– Ташаккур!

Суҳбаторо
Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд
Дар акс: Тоҳир ВОҲИДОВ бо писараш **Ҷаҳонгир**.

Аксбардор: Баҳодури ЗОҲИР.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-728.
Адади нашр 3689. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: С. Бекназарова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 22.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.